
23 ФЕВРАЛ - РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ МУБОРАК!

ТОҶИКИСТОН

№8 (1519)
22.02.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! ~



ЗИЛЗИЛА ДАР ТУРКИЯ, ИЗТИРОБ ДАР ТОҶИКИСТОН

НАЗОРАТИ БИНОҲОИ НАВСОХТ ПУРЗЎР МЕШАВАД



АБДУҚОДИРИ АБДУҚАҲҲОР – ОРИЁНМЕҲР ЗАРДУШТ:

Дар Душанбе бояд маркази зардуштӣ бунёд шавад!
с.4

БОНКИ МИЛЛӢ

Аз устувории пули миллӣ то афзоиши пасандозу дорой
с.11

ТАЛОҚ

Ҷудошавии оилаҳо қиммат шуд
с.2

СИРОҶИДДИН МУҲРИДДИН:

Зидди иштироки тоҷикон дар муноқиша ҳастем
с.3

РАИСОНИ ХАТЛОН

Хона, мошин, бӯстонсаро… боз чӣ доранд?
с.3

БИНОИ БАҲСӢ

Шаҳрдорӣ парда аз рӯйи воқеият бардошт
с.5

ВАРЗИШ

Лоиқ Раҷабов бо дахолати Макгрегор аз набард маҳрум шуд
с.11

КАНЗИ ШИФО

Ҷарроҳие, ки 11 соат тӯл кашид
с.12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
сахифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» таалуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

БОҶ ЗИЁД ШУД. ҶУДОШАВИИ ОИЛАҲО КОҲИШ МЕЁБАД?

Парлумони Тоҷикистон ба Қонун "Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ" тағйирот ворид кард. Мувофиқи тағйирот боҷ зиёд карда шудааст. Ҳадаф аз ин коҳиши талоқ мебошад.

Вазири адлияи Тоҷикистон Музаффар Ашӯриён гуфтааст, ки бекор кардани ақди никоҳ дар ду-се соли охир рӯ ба афзоиш ниҳодааст.

Вазир таъкид мекунад, ки дар пайи пошхӯрии оилаҳо шумораи зиёди кӯдакони ноболиғ аз тарбияи яке аз волидон маҳрум мегарданд.

Ӯ тавзеҳ додааст, ки дар мачмуъ, зиёда аз чор се ҳиссаи бекоршавии ақди никоҳ дар асоси ҳалномаи суд сурат мегирад.

МУАЛЛИМИ ТОҶИК ҒОЛИБИ ОЗМУНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Муаллими Литсейи №2 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе Низомиддин Ҷумъаев аз байни довталабони 26 давлати дунё аз рӯйи номинатсияи "Омӯзгори беҳтарин - 2023" сазовори ҷойи аввал гардид.

Озмуни 4-уми байналмилалии «Маҳорати касбӣ» аз рӯйи номинатсияи «Омӯзгори беҳтарин - 2023» ба таври мачозӣ сурат гирифтааст. Ин озмун бо ташаббуси Русия аз рӯи номинатсияҳои «Омӯзгори беҳтарин - 2023», «Роҳбари беҳтарин - 2023», «Методисти беҳтарин - 2023», «Омӯзгор-ташкилотчӣ - 2023», «Беҳтарин коллективи омӯзгорон - 2023» «Мутахассиси ҷавон - 2023» баргузор гардидааст.

Бино ба иттилои Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, ҳадаф аз баргузории озмун рушди қобилияти эҷодии омӯзгорон, такмили маҳорати касбӣ ва хоҳиши ба даст овардани натиҷаҳои баланд дар таълим, паҳн намудани таҷрибаи пешқадам, дастгирии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти касбӣ, ошкор намудани омӯзгорони болаёқат, дастгирӣ ва ҳавасманд гардонидани онҳо мебошад.

КУМАКИ ҚАЗОҚИСТОН БА ТОҶИКИСТОН

Дар шаҳри Душанбе маросими супоридани кумаки Қазоқистон ба Тоҷикистон дар ҳаҷми 5 ҳазор тонна мазут баргузор шуд.

Дар маросими супоридани кумак Сафири Қазоқистон дар Тоҷикистон Валихан Туреханов, Директори Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Тоҷикистон Нурмаҳмад Аҳмадзода ва дигар намояндагони масъул иштирок намуданд.

Валихан Туреханов иброз дошт, ки «ёрии башардӯстона - ин саҳм гузоштан дар таъмини амнияти энергетикӣ, нишони бародарӣ ва эҳтироми мутақобила буда, хоси муносибатҳои дӯстонаи Қазоқистону Тоҷикистон мебошад».

Таъкид карда шуд, ки аз ҷониби Президенти Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев бинобар сард омадани зимистони имсола ва кори муътадили иншооти муҳими энергетикии Тоҷикистон дастур дода шуд, ки кумаки башардӯстона ба маблағи 1,8 млн доллар расонида шавад.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН



КОРМАНДОНИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ҚАДРДОНӢ ШУДАНД

Бахшида ба 30-солагии Артиши миллӣ дар Қасри миллат маросими тақдими мукофотҳои давлатӣ ва рутбаҳои навбатии ҳарбӣ ба хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баргузор шуд.

Нахуст Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи ҳозирин ва дар шахси онҳо афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакатро ба ифтихори 30-солагии таъсисёбии Артиши миллӣ, ки яке аз рукнҳои асосии давлатдории навини тоҷикон мебошад, табрику таҳният гуфт.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як гуруҳ хизматчиёни низомӣ аз Вазорати мудофиа, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Вазорати адлия рутбаҳои олии ҳарбии генерал-майор ва рутбаи махсуси навбатии генерал-майори милитсия дода шуд. Инчунин, як гуруҳ фарзандони шуҷоъу далер бо унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон, ордени "Спитамен дараҷаи I", ордени "Спитамен дараҷаи II", ордени "Шараф дараҷаи II", медали "Ҷасорат", медали "Хизмати шоиста", медали "Марзбони шуҷои Тоҷикистон", Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо рутбаҳои навбатии ҳарбӣ қадрдонӣ карда шуданд.

Дар охири маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон изҳори итминон кард, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат низ вазифаи бошарафу муқаддаси худро бо садоқат ба Ватан, давлат, миллат ва савганди ҳарбии худ, бо интизоми қавӣ, донишу малакаи муосир ва муҳимтар аз ҳама, бо руҳияи баланди ватандӯстӣ ичро менамоянд.

САРИ САБЗ



Исфандиёр ҒУЛОМОВ,
ҳунарманди синамову театри тоҷик

- Меҳрубон Назаров, вазири пешини фарҳанг ба дидани ҳама нахустнамоишҳои театр меомад. Солҳост, ки ман вазири фарҳангеро дар театр надидаам. Вазирон вазифадоранд, ки ба театр оянд, вале намеоянд.

- Шояд серкор бошанд... Ё шояд ҳамчун нафари вазифадору масъул аз дидани намоишҳои пучу бемаънии театрӣ шарм доранд?



Ориф ХОҶАЗОДА,
раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ

- Баъзе хонаводаҳои ноҳияи Рӯдакӣ ва шаҳри Истаравшан оби боронро дар зарфҳо ҷамъ карда, тобистон дар полезҳои худ истифода мебаранд ва дар натича ҳар як ҳавлӣ ҳамеша бо помидору бодиринг, картошкаву кабудӣ ва дигар сабзавоти худӣ таъмин аст.

- Ҳммм, аҷиб! Ғунҷоиши зарфҳои онҳо чӣ қадар бошад, раис? Дақиқ кунед, метавон аз ин таҷриба дар дигар шаҳру ноҳияҳо низ истифода бурд.



Бахтиёр ШАРИФӢ,
ичрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ёвон

- Аз соле, ки дар сохтори давлатӣ фаъолият мекунам, ҳеҷ чиз барои худам нахаридам. Бӯстонсаро надорам, ҳатто тарзи дамгириро намедонам, зеро дар тӯли солҳо ягон маротиба ба осоишгоҳҳо нарафтам.

- Худро ин қадар хору зор накунед, раис! Агар тарзи дамгириро надонед, аз ягон раиси таҷрибадор ё соҳиби бӯстонсаро маслиҳат пурсед...

МОШИН, ХОНА, БӮСТОНСАРО...

Раисони Хатлон боз чӣ доранд?

Соли 2023 дар чанде аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон раисон иваз шуданд. Дар нишасти матбуотӣ хабарнигорон дар бораи дороии онҳо суол карданд.



Мероси падар



Файзулло Баротзода - иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Бохтар дар нишасти хабарӣ дар посух ба суоли хабарнигорон атрофи дороиҳояш гуфт, ки хонае дорад, ки аз падар мерос мондааст. “Як нақлиёти шахсӣ дораму халос. Дигар маоши давлат асту хизмати халқ аст”,- афзуд вай.

Файзулло Баротзода дар гузашта дар вазифаи муовини шаҳрдори Бохтар ва ноҳияи Рӯдакӣ фаъолият кардааст. Чанд соли охир раиси ноҳияи Лахш дар минтақаи Рашт буд. Аз феврали соли 2023 бо фармони Президенти кишвар иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Бохтар таъйин шудааст.

Раисе, ки кам-кам соҳибкорӣ кардааст



Қурбоналӣ Қувватзода - раиси ноҳияи Вахш ҳам дар нишасти матбуотии хеш аз дороиҳояш гуфт. Ӯ мегӯяд, ки то таъин шудан ба ин вазифа хона ва ҳам мошини шахсӣ доштааст. “Ҳамонҳоро истифода бурда истодаам, мисли дигар одамҳо”,- афзуд вай.

“Роҳбари хоҷагӣ будам. Камкам соҳибкорӣ мекардам. Роҳ, дарвоза ва мактаб кардам. Чизе, ки аз дастамон омад, кардем. Бӯстонсаро надорам”, - гуфт ӯ.

Қурбоналӣ Қувватзода аз соли 2019 ба ин тараф раиси ноҳияи Вахш аст.

Зиндагӣ дар иҷорахона



Хол Раҳмон - иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ҳам дар нишасти хабарӣ гуфт, ки як мошин ва як хона дар ҳамин ноҳия дораду халос.

Ӯ мегӯяд: “Дар кучое, ки кор кардам, дар хонаи иҷора зиндагӣ кардам”. Ӯ гуфт, ки бӯстонсаро надорад. “Худо хоҳад, мардуми шарифи ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ як бӯстонсаро сохта медиҳанд (механдад)”,- бо ҳазл гуфт ӯ.

Хол Раҳмон дар вазифаҳои раиси ноҳияи Носири Хусрав, Шаҳритус, Ҷайҳун, муовини раиси вилояти Хатлон ва даҳ соли охир директори Агентии бехдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият кардааст.

“То ҳол ба осоишгоҳ нарафтаам”



Бахтиёр Шарифӣ - иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ёвон дар нишасти матбуотии хеш гуфт, ки “дороии ман зан, фарзанд ва ватан аст”. Ӯ гуфт, то ҳол ҳар чӣ дорад, моли падараш аст ва худаш то ҳол ҳеҷ чиз нахаридааст.

“Хонаву мошине, ки ҳаст, ҳама моли падарам мебошанд. Аз соле, ки дар сохтори давлатӣ фаъолият кардам, аз худам ҳеҷ чиз харидорӣ накардаам. Ҳама моли падарам аст. Бӯстонсаро надорам. Ростӣ, тарзи дам гирифтанро намедонам. Ман то ҳол ба осоишгоҳ нарафтаам. Фикр мекунам, ки хизматчии давлатӣ имконияти ба бӯстонсаро рафтанро ҳам надорад”- гуфт ӯ.

Бахтиёр Шарифӣ то таъин шудан ба вазифаи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ёвон муовини аввали вазири саноат ва технологияҳои нави кишвар буд.

Баракати фарзандон



Мирзодавлат Сабурзода - иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Қубодиён дар нишасти хабарии хеш бо фарқ аз раисони дигар гуфт, ки дороии бисёр дорад.

Ӯ мегӯяд: “Дар шаҳри Душанбе хонаи заминӣ дорам. Фарзандони хуб дорам, ки ҳар кадом соҳиби кори мувофиқ ва тиҷорати хуб ҳастанд. Чаҳор фарзанд дорам. Онҳо маош мегиранд ва тиҷорати хуб доранд. Шукронаи давлату миллату сарвари давлат, ки бисёр шароити хуб фароҳам кардаанд. Фарзанди калонии ман директори генералии ширкати “ШирInҳоиШарқ” дар вилояти Хатлон аст. Ин аввалин ширкати маҳсулоти қаннодӣ дар соли 2005 дар ин минтақа буд. Фарзанди дигарам варзишгар аст. Ӯ дар тими миллии кишвар ва дастаи футболи “Истиқлол”-и Душанбе бозӣ мекард. Он чизе, ки барои як нафар даркор аст, фарзандонам барои ман ҳамчун падар фароҳам овардаанд”.

Аз мушоҳидаҳо

Тибқи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид “Бар зидди коррупсия” аз соли 2003, ки онро ҳам Тоҷикистон шуруъ аз соли 2008 эътироф кардааст, мансабдорони тоҷик вазифадоранд ҳар сол то 1-уми апрел вобаста ба дороиҳояшон ба нозироти андоз эъломия пешниҳод кунанд. Феълан имкони тасдиқи дурустии маълумоти додаи раисони чанд шаҳру ноҳияи вилояти Хатлон вобаста ба дороиҳояшон нест. Посухи онҳо ба суол дар бораи дорӣ қариб ки якранг аст. Вале дар ҷомеаи мо аксар ба ин назаранд, ки баъди ба мансаб расидан дороии онҳо зам мешаваду кам не...

Машраби АЛОВИДДИН,
“Тоҷикистон”

▸▸ *Аз нишасти матбуотӣ*

Нусратулло Давлатзода:

МУШКИЛОТ КАМ ШУДА ИСТОДААСТ



Бақияи қарзи андозҳо дар ҷумҳурӣ 728 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Нусратулло Давлатзода - раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ гуфт, «корхонаҳое ҳастанд, ки 10-20, ҳатто 40 миллион сомонӣ қарздор ҳастанд. Хушбахтона, ин мушкилӣ сол ба сол кам гардида, андозсупорандагон уҳдадориҳои худро иҷро намуда истодаанд».

Инчунин, Нусратулло Давлатзода изҳор дошт, ки соли 2022 аз ҳисоби андозҳо ва пардохтҳои дохилӣ ба буҷети давлатӣ 15 миллиарду 387 миллион сомонӣ ворид гардидааст. Маблағи воридшуда нисбат ба нақшаи тасдиқшуда 594 миллион сомонӣ зиёд аст.

«Дар ин давра нақшаи ҳамагӣ ду намуд - андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетӣ ва андоз аз арзиши иловашуда таъмин нагардид»,- гуфт Нусратулло Давлатзода.

МОШИНИ ПРОКУРОРИ ВОСЕЪРО КӢ СӮЗОНД?



Прокурори генералии Тоҷикистон Юсуф Раҳмон оташ задани мошини хидматии прокурори ноҳияи Восеъро таъйид карду тавзеҳ дод.

Ба гуфтаи ӯ, гуруҳи тафтишотии додситонӣ муайян кард, ки дар сӯзондани мошин собиқ нотариус даст дорад. Таъкид шуд, ки ангезаи даст задани собиқ мақомдор қассос будааст, чун маҳз бо пешниҳоди прокурори ноҳия ӯ аз вазифа озод гардидааст. Ҳоло аз рӯи ин ҳодиса тафтишоти пешакӣ идома дорад.

Инчунин, Юсуф Раҳмон зимни нишасти матбуотӣ барканор шудани Парвиз Орифзодаро аз мақоми прокурори Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон як раванди корӣ донист. Парвиз Орифзода дар мақоми прокурори ВМКБ аз соли 2018 феълият дошта, қаблан прокурори ноҳияи Ванҷ будааст.

ЗИДДИ ИШТИРОКИ ТОҶИКОН ДАР МУНОҚИША ҲАСТЕМ



Сироҷиддин Муҳриддин - вазири корҳои хориҷӣ аз роҳҳои ҷалби шаҳрвандони Тоҷикистон дар муноқишаи Русия ва Украина изҳори бехабарӣ кард, аммо гуфт, ки бо вуҷуди ин, зидди ширкати тоҷикон дар ин муноқиша ҳастанд.

Ӯ дар нишасти матбуотии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон афзуд, ки ҳама корро карда истодаанд, то шаҳрвандони Тоҷикистон аз ягон тараф ба муноқишаҳо пайваст нашаванд. Дар робита ба ин, ба гуфтаи ӯ, сафоратҳову консулгариҳо ва ҳатто ҷамъиятҳои тоҷикон дар Украина, Русия ва Қазоқистон корҳои лозимаро пеш бурда истодаанд.

“Бо донишҷӯёну дигарон мулоқот мекунему мефаҳмонем, ки ба чунин корҳо пайваст нашаванд. Мардуми мо озоданд, дар дигар кишварҳо мехонанду кор мекунанд. Ақидаву нигоҳи худро доранд. Бо кадом роҳҳо ба он ҷойҳо рафтаанд, мо намедонем, лекин мо зидди чунин ҷараёнҳо ҳастем ва намехоҳем, ки шаҳрвандони мо дар он ҷойҳо иштирок кунанд”,- шарҳ дод вазир.

Абдуқодири Абдуқаҳҳор - Ориёнмеҳр Зардушт:

ДАР ДУШАНБЕ БОЯД МАРКАЗИ ЗАРДУШТӢ БУНЁД ШАВАД!

Пас аз марги Одина Шоҳӣ - охирин пайрави дини зардуштӣ дар Тоҷикистон, журналист Абдуқодири Абдуқаҳҳор расман пайрави ин оин буданашро эълон кард. Ӯ ҳамчунин хабар дод, ки тасмим дорад Маркази зардуштиёни Тоҷикистонро таъсис бидиҳад. Бо Абдуқодири Абдуқаҳҳор (Талбаков) суҳбате доштем, ки фишурдаи онро манзури шумо мекунем.



- Аз ин ба баъд ному насаби ман Ориёнмеҳр Зардушт аст. Зардушт номам, Ориёнмеҳр насабам,- гуфт дар оғози суҳбат Абдуқодири Абдуқаҳҳор ва таъкид кард, ки шиносномаашро бо ин ному насаб рӯзҳои наздик ба даст меорад.

- Расонаҳо навиштанд, ки охирин зардуштии Тоҷикистон Одина Шоҳиро дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин тибқи анъанаҳои мусалмонӣ ҷаноза кардаанд...

- Ҳукумати ноҳия асли қазияро пинҳон медорад. То ҷое иттилоъ дорам, муллои масҷиди ҷомеъ, ки марҳум он ҷо зиндагӣ мекард, аз хондани ҷаноза сарпечӣ кардааст ва ин маросимро муллои дигар маҳалла гузаронидааст. Ҳол он ки, бобои Одина, ки устои дуредгар буд, ҳамаи корҳои чӯбии сохтмони масҷиди ҷомеъи ноҳияро ройгон анҷом додааст. Ҳамин аст, ки мардум ба ӯ муносибати нек доштанд. Ин дар ҳолест, ки марҳум дархости ҷаноза накардааст.

- Шумо ҳам эълон кардед, ки ниёз ба ҷаноза надоред?

- Бале. Ҷисми мо ба Худованд даркор нест, муҳим руҳи мо, эътиқоду имони мост. Агар ҷасади инсонро наҳанг хӯрад ё ӯ дар оташ бисӯзад, чӣ тавр ӯро ҷаноза мекунанд? То Ислом ҳам 10 миллиард одам бечаноза дафн шудаанд. Ҷаноза дар ягон дин нест. Ҷаноза - яъне зери хок кардани ҷисм аст. Вақте Қобилу Ҳобил барои хоҳарашон ҷанҷол карданд ва яке дигареро кушт, барои пинҳон кардани гуноҳаш ҷасадро зери хок кард... Дар омади гап, бояд бигӯям, ки баъзе бародарони мусалмон ба зардуштиён туҳмат мезананд, ки никоҳи маҳорим доранд, ҳол он ки, ин аз замони Қобилу Ҳобил аст.

- Чунки дар оғози офариниш интихоби дигар набуд...

- Гап дар сари туҳмат ба сари зардуштиён аст. Ҳол он ки, Зардушт се бор зан гирифтааст, ки аз хонаводаҳои дигар будаанд. Духтарашро ба Ҷомоспи вазир дода, дар тӯяш нӯшбод гуфтааст. Бинобар ин, мавҷудияти никоҳи маҳорим дар "Авасто" нест. Ин туҳмат ба оини зардуштӣ аст. Туҳмати дигар дар масъалаи истифодаи шошаи гов аст. Чӣ, магар араб шошаи гарми шутурро намехӯрад? Ин уринотеропия аст. Он вақтҳо маводҳои зиддивирусӣ набуд. Зардуштиён вақте мурдаро гӯр мекарданд, бо шошаи гов даст мешустанд, ки касалӣ нагузарад. Тамом. Дигар ҳар чӣ мегӯянд, туҳмат аст.

- Шумо чӣ гуна ба оини зардуштӣ рӯй овардед? То ҷойе медонам, падаратон мусалмони тақводор буданд...

- Падари ман 40 сол намозро тарк накард, қазо нахонд. Забони русиро хуб медонист. 4 сол дар сарҳади Афғонистону Тоҷикистон тарҷумонӣ карда, ба русҳо дарси сиёсӣ медод. Дар 27-солагӣ асосҳои исломоро омӯхт ва ҳамин тавр, ба хотири тарк накардани намоз аз ҳама кор даст кашид. Ман фарзанди 5-уми падар ҳастам. Аз кӯдакӣ "Қуръон", ҳадис, "Чаҳоркитоб", "Заруриёти диния" ва ғайраро омӯхтам. Баъдан, китобҳои осмониро омӯхтам ва дар 40-солагӣ ба хулоса омадам, ки ба Зардуштия мегаравам. Дар ибтидо тарс доштам, аз обрӯйи падар андеша мекардам ва инак, дар 55-солагӣ тасмими ниҳоӣ гирифтам. Аз руҳи падарам узр мепурсам.

- Бори нахуст Зардуштро кай шинохтед?

- Ман аз кӯдакӣ китобхон будам. Китобҳои беҳтарини мактаби деҳа ва ноҳияи Фархорро хондаам. Вақте довталаб шуда ба Душанбе омадам, дар хонаи Бобохон Саттор истодам. Авастошинос Бобоназари Ғаффор дар хонаи ӯ иҷоранишин буд. Дар он ҷо бо китобҳои "Авасто", "Динкарт" ва намунаҳои осори паҳлавӣ шинос шудам. Хоҳиш кардам, ки ӯ дар бораи Зардуштия ба ман маълумот диҳад. Кӯтоҳакак маълумот дод, вале таъкид кард, ки "ҳоло вақти омӯзиши ту нест, зеро ҷавон ҳастӣ". Вале ман шуруъ кардам ба омӯзиши Зардуштия. Ман ба Ҷанобӣ Олӣ сипос мегӯям, ки соли 1996-ро Соли тамаддуни ориёӣ ва соли 2006-ро соли бузургдошти "Авасто" эълон кард, вале ин корро касе давом надод...

- Наздикони шумо, бародарон, ҳамсару фарзандонатон ба тасмими шумо чӣ гуна бархӯрд доранд?

- Вақте падарам даргузаштанд, гуфтанд, ки 9 фарзанд ва китобхонаамро ба ту супоридам. Вақте як шахс дар оила лидер аст, бо ӯ баҳс камтар мешавад. Ман дар сомон додани зиндагии бародаронам саҳм дорам. Якеро оиладор кардам, дигареро хонондам ё ба кор мондам. Бинобар ин, онҳо ба шахсияту ҳувияти ман ҳақи баҳс кардан надоранд. Ҳамсару фарзандони ман муташаккилонанд. Писарам Меҳрнӯш ва духтаронам Рухшонаву Ориёна як бор ба рӯйи ман нигоҳ карда нагуфтанд, ки падар, ту чӣ кор мекунӣ? Бинобар ин, ман аз минбари шумо истифода бурда, ба мухолифонам мегӯям: хоҳиш мекунам, ба оилаву фарзандони ман нарасед. Онҳо мусалмонанд, зардуштӣ ман ҳастам. Ният дорам, ки ба наздикӣ хонаам, оташкадаам ва марказамро алоҳида кунам, то ки ба онҳо зарар нарасад.

- Бисёриҳо зардуштӣ ё атеист ҳастанд, вале ақидаҳояшонро эълон намекунанд. Намешуд, ки шумо ҳам пинҳонӣ ба Зардушт пайравӣ кунед?

- Беҳтарин муаллимон, олимон, авастошиносон як умр ҷуръат накарданд, ки муҳаббаташонро ба "Авасто" ошкор кунанд. Дурӯғ зистанд. Вале ман ин рисолатро ба дӯш гирифтам. Дар ҳамаи динҳо беҳтарин нафар он аст, ки сабр кунад, таҳқиру тавҳинро таҳаммул кунад ва ҳатто қурбон шавад. Беҳтарин муҷоҳид ҳамон аст, ки ба хотири ормонаш қурбон шавад. Ман ин роҳро интихоб кардам. Медонам, душманонам зиёданд. Танҳо дар соли гузашта 5 маротиба ба ҷони ман сӯйиқасд шуд. Рӯзе нест, ки тариқи мессенҷер маро беш аз 100 нафар ва дар кӯчаҳои Душанбе 10 нафар ҳақорат накунанд. Аксари ронандагони таксӣ маро савор намекунанд...

- Чӣ лозим аст ба шумо таҳаммули ин ҳама таҳқир?

- Ба хотири Зардушт. Имрӯз дар қаламрави Ориё ягона ҷазираи озодӣ Тоҷикистон аст. Эрон охундӣ, Афғонистон толибӣ, фақат Тоҷикистон озодист. 200 ҳазор зардуштӣ дар ватани худ ҷойи пой надоранд. Талоши ман барои онҳоест, ки аз оини гузаштагонамон пайравӣ мекунанд. Ман амрикоиеро медонам, ки солҳои охир беш аз 200 тоҷикистониро сидра - хилъати зардуштӣ пӯшонидааст. Ин маросим пинҳонӣ дар Тошканд мегузарад.

- Яъне шумо танҳо нестед?

- Не. Танҳо дар ду рӯзи охир беш аз 150 нафар ба ман муроҷиат карданд, ки бо шумоем ва ҳатто бархе нусхаи шиноснома фиристоданд.

- Яке аз дӯстонатон гуфт, ки Абдуқодир ин корро барои шуҳрат мекунад, чун шуҳрати солҳои 90-ум ва 2000-умашро аз даст дод...

- Кадом одам барои шуҳрат худашро куштанӣ аст? Ин ҳарфҳо сафсатта аст. Дар 1500 сол кӣ ҷуръат кард, ки худро муртад эълон карда, ҷонашро дар хатар гузорад?

- Шуморо проекти мақомот ё гуруҳе низ мегӯянд...

- Ба модарам қасам, кормандди амният нестам, корманди мақомоти корҳои дохилӣ ҳам. Проекти касе низ нестам. Ба модари муқаддасам қасам.

- Имкон дорад, ки шуморо қатл мекунанд. Оё роҳе, ки интихоб кардед, арзиши онро дорад?

- Ман барои миллатам ҳамчун журналист ҳар коре аз дастам омад, кардам. Китобҳо ҳам таълифу таҳия кардам. Оилаву фарзанду набера дорам. Ман роҳи худамро интихоб кардам.

- Сарнавишти Рӯдакии Самадӣ - роҳбари зардуштиёни Тоҷикистонро медонед?

- Медонам. Як нафар кушта шуданаш маънои онро надорад, ки дигар кас ин роҳро давом надиҳад...

- Шумо эълон кардед, ки Маркази Зардуштия ташкил мекунед. Он чӣ гуна марказ хоҳад буд ва ҳадаф чист?

- Чаро дар Тоҷикистон маъбаду калисову куништи яҳудиву насоро мавҷуд асту дини аҷдодони мо дар 3 сотих замин ҷо надошта бошад? Соли гузашта беш аз 200 зардуштӣ ба Тоҷикистон омаданд. Дар кучо намоз гузоранд? Мехоҳам ба ман иҷозат диҳанд, ки марказ кушоям. Ваъда медиҳам, ки ягон мусалмонро маҷбурӣ зардуштӣ намекунам. Дар ягон ноҳия таблиғот намебарам. Ман мехоҳам, ки 200 ҳазор зардуштии ҷаҳонро ба Тоҷикистон ҷалб кунам. Ман даъвои имоматӣ надорам. Банда корҳои ташкилӣ ва идеологиву сиёсии марказро пеш мебарам. Беҳтарин намуна Маркази Исмоилияи Душанбе аст. Ҳам масҷид, ҳам маркази фарҳангӣ, ҳам толоре, ки конфронсу семинар мегузарад. Маркази мо ҳам айнан ҳамин тавр хоҳад шуд...

- Барои таъсиси ҷамъият чӣ корҳоро анҷом додед?

- Оиннома навишта истодаам. Расмиётро ба ҷо оварда, ба Вазорати адлия пешниҳод мекунам.

Мусоҳиб:
Одил НОЗИР

▸▸ *Аз идора:*

Видеои суҳбати мазкурро дар YouTube канали PRESSA.TJ тамошо кунед!

ЗИЛЗИЛА ДАР ТУРКИЯ, ИЗТИРОБ ДАР ТОҶИКИСТОН

НАЗОРАТИ БИНОҲОИ НАВСОХТ ПУРЗЎР МЕШАВАД



Пас аз заминҷунбии шадид дар Туркия ва Сурия ва дар пайи он хисороти бузург, маргу маҷруҳии даҳҳо ҳазор нафар, акнун дар Тоҷикистон биноҳои баландошёна аз санҷиш мегузаранд. Барои ин Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Тоҷикистон гуруҳи корӣ таъсис додааст.

Санҷиш дар куҷо мегузарад?

Комиссия асосан биноҳои баландошёна ва иншооти сохташавандаро дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар аз санҷиш мегузаронад. Фармоишро раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Тоҷикистон Низом Мирзозода 18-уми феврали соли равон имзо кардааст. Комиссия муваззаф шудааст, ки то 10-уми марти соли равон натиҷаи санҷишро ба Кумитаи сохтмон ва меъморӣ расонад.

Дар фармоиш аз ҷумла омадааст: “Бо мақсади баҳодидиҳии риояи меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ, регламентҳои техникии сифати технологияи корҳои сохтмонӣ, мавод ва маснуоти сохтмонӣ, инчунин дигар санадҳои қонунгузории шаҳрсозӣ дар бино ва иншооти ба истифода додашуда дар давраи солҳои 2018-2022 ва сохтмонашон идомадошта дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва Хуҷанд таъсис дода шаванд”.

Дар банди дигар фармоиш чунин омадааст: “Бо дарназардошти амри раиси шаҳри Душанбе аз 15-уми феврали соли 2023, №33 “Оид ба таъсиси Гурӯҳи корӣ ҷиҳати омӯзиш, таҳлил ва баҳодиҳии эҳтимолияти рух додани заминларзаи шадид дар шаҳри Душанбе ва устувории сейсмикии воқеии иншоот ва биноҳои истиқоматии бисёрманзилаи ба истифода додашуда ва сохтмонашон идомадошта дар пойтахт” ҳайати гурӯҳи корӣ дар шаҳри Душанбе мутобиқи Амри мазкури Раиси шаҳри Душанбе амал намояд”.

Аз ин ду банд маълум мешавад, ки аъзои комиссия дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Бохтар, ки асосан бештар биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ ва маъмурӣ бунёд мешаванд, санҷиш мегузаронанд. Вале то кучо дар биноҳои истиқоматии баитмомрасида, ки аллакай мардум дар онҳо зиндагӣ доранду аз камбудӣ орӣ нестанд, комиссия камбудиро бартараф мекунад ё ҷарима мебандад, вақт нишон медиҳад. Зеро сокинон аз биноҳои баландошёна, ки бо нархи гарон харидорӣ кардаанд, зиёд шикоят мекунанд: набудани майдончаҳои варзишӣ, лифтҳои арзону истифодаи масолеҳи сохмонии пастсифат ва ғайра.

Назорати пурзӯр

Аммо аз нишасти матбуотии охири Низом Мирзозода - раиси Кумитаи сохтмон ва меъморӣ бармеояд, ки пас аз заминларзаи маргбор дар Туркия ва Сурия дар шаҳри Душанбе назорати мустаҳкам сохтани биноҳои бунёдшуда пурзӯр хоҳад шуд. Ӯ изҳор дошт, ки биноҳои баландошёна, ки дар шаҳри Душанбе сохта шудаанд ё сохта мешаванд, барои тобовар будан ба заминларзаи 8,5-9 балл пешбинӣ шудаанд.

Зеро барои бунёди иншоот дар ҷумҳурӣ вобаста ба минтақа бо назардошти фаъолияти сейсмикии маҳаллӣ иҷозат дода мешавад.

Ҳамчунин, номбурда қайд кард, ки пас аз заминларза дар Туркия ба масъалаи мустаҳкамии биноҳо, аз ҷумла, биноҳои истиқоматӣ таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Кумита барои санҷидани мустаҳкамии таҳкурсии иншооти сохташаванда озмоишгоҳи вижа ташкил хоҳад кард ва ин гуна санҷишҳо ҳатмӣ хоҳанд шуд.

"Зилзилаи фоҷиабор дар Туркия нишон дод, ки баъзе биноҳо маҳз аз поён фурӯ рехтанд, ҳарчанд биноҳо дар чунин вазъ аз боло тахриб мешаванд",- таъкид кард Низом Мирзозода.

4800 камбудӣ дар бахши сохтмон

Раиси Кумитаи сохтмон ва меъмории Тоҷикистон изҳор медорад, ки дар биноҳое, ки мутахассисон камбудӣ пайдо кардаанд, соҳибонашон беш аз 1 миллион сомонӣ ҷарима шудаанд. Дар сохтмони биноҳо наздики 4800 камбудӣ ошкор шудааст. “Айни ҳол дар ҳудуди ҷумҳурӣ 886 сохтмони иншоот ҷараён дорад”,- изҳор доштааст Н. Мирзозода.

(Давомаш дар саҳ. 13)

▸▸ *Аз нишасти матбуотӣ*

АЗ БИНОИ БАҲСӢ ТО 70 КОРХОНАИ НАВ

гузориш аз нишасти матбуотии шаҳрдории Душанбе



Бунёди корхонаҳои нав бо фарогирии беш 5 ҳазор ҷойи кор, автобусҳои дуошёна, хизматрасонии ғайринақдӣ, баҳси биноҳои истиқоматии нотамом ва чанд масоили дигар дар нишасти матбуотии МИҲД-и шаҳри Душанбе садо доданд.

Бинои баҳсӣ

Беш аз 15 сол аст, ки 3 бинои баландошёна дар шафати Сирки давлатӣ то ҳол ба истифода дода нашудаанд. Ин биноҳо бо сармоягузории соҳибкори эронӣ Бобаки Занҷонӣ бунёд шудаанд. Ҷамшед Табарзода - муовини якуми раиси шаҳри Душанбе дар мавриди сарнавишти ин биноҳои баландошёна дар нишасти матбуотӣ изҳори назар кард. Ӯ гуфт, ки ин биноҳои баландошёна воқеъ дар Хиёбони Саъдии Шерозӣ баҳсӣ мебошанд.

“Дуруст мегӯед. Чандин сол аст, ки сохтмони биноҳои баландошёна дар назди Сирки давлатӣ ба охир нарасидааст. Бино баҳсӣ аст. Бо соҳибмулкони он чандин маротиба суҳбат доштем. Бинои мазкур ба шаҳрдорӣ ягон иртибот надорад. Умедворем, ки дар фурсати кӯтоҳтарин ин мушкилӣ ҳал мешавад”,- изҳор дошт Ҷ. Табарзода.

Аммо Табарзода нагуфт, ки ҳоло корҳои боқимондаи сохтмони ин биноҳоро кадом ширкат бар зимма дорад ва кай мавриди истифода қарор мегиранд?

Беш аз 70 корхонаи нав дар пойтахт

Соли равон дар шаҳри Душанбе бунёди 71 коргоҳу корхонаҳои саноатӣ бо таъсиси беш аз 5 ҳазор ҷойи нави корӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ҷамшед Табарзода гуфт, ки аз ин шумора ба ҳолати 1-уми январи соли равон 17 корхона ба истифода дода шудааст. Зикр гардид, ки дар соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз ҳисоби зиёдшавии истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи коркард, аз ҷумла, нассоҷӣ, дӯзандагӣ, чарм, маснуот аз чарм ва пойафзол 102,5 фоиз, коркарди чӯбу тахта ва истеҳсоли маҳсулоти фарматсевтӣ 2,6 маротиба, металлургӣ ва маснуоти тайёри филизӣ 1,8 маротиба, таҷҳизоти барқӣ 1,9 маротиба ва истеҳсоли воситаҳои нақлиёт 141,1 фоиз афзоиш ёфтааст.

Автобусҳои дуошёна дар Душанбе

Соли гузашта тибқи шартномаи баимзорасида 10 автобуси дуошёна ва 50 автобуси тамғаи АКІА-и 8-метрӣ аз ширкати муштараки “Акиа Авесто Автоматив Индастри”-и Тоҷикистон харидорӣ гардид.

“То инҷониб 10 автобуси дуошёна ва 20 автобуси мусофирбар мавриди истифодаи сокинону меҳмонони пойтахт қарор гирифтаанд. Ҳоло 30 автобуси боқимондаи тамғаи АКІА дар ширкати мазкур бандубаст гардида истодаанд”,- иброз дошт Ҷамшед Табарзода.

Инчунин, муовини якуми раиси шаҳри Душанбе зикр кард, ки ҳоло дар хатсайри автобусу троллейбус пардохти роҳкиро пурра тариқи низоми электронӣ ба роҳ монда шудааст. Дар самти марҳилаи дуюми лоиҳа ҷорӣ намудани низоми мазкур дар хатсайрҳои микроавтобусӣ оғоз гардидааст.

Сармояи Ҳиндустон дар Душанбе

Сохтмони роҳи автомобилгард аз Дарвозаи ғарбӣ то маҳаллаи Чортути пойтахт тарҳи муштараки Тоҷикистону Ҳиндустон маҳсуб мешавад. Ин роҳ бо дарозии 9,2 километр ва паҳноии аз 50 то 70 метр бо маблағи 46,5 миллион доллар ба нақша гирифта шуда, айни замон корҳо дар қитъаҳои 2 ва 3 бо дарозии 5 км идома доранд.

Ҷамшед Табарзода инчунин гуфт, ки барои мукаммалгардонии парки техникии корхонаҳои коммуналии шаҳри Душанбе бо таҷҳизоту воситаҳои муосир дар асоси созишнома бо Ҳукумати Чин дар соли 2021 ба пойтахт 466 адад техникаи коммуналӣ оварда шудааст.

У.НИЁЗОВ

АЗ УСТУВОРИИ ПУЛИ МИЛЛӢ ТО АФЗОИШИ ПАСАНДОЗУ ДОРОЙ

Аз нишасти матбуотии Бонки миллии Тоҷикистон

Дар соли 2022 Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти худро дар самти ислоҳоти низоми бонкӣ, тақвияти сиёсати пулию қарзӣ, рушди ҳисобу баробаркуниҳои ғайринақдӣ ва дигар воситаҳои молиявӣ идома дода, баҳри таъмини устувории қурби пули миллӣ, баланд бардоштани қобилияти пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, инчунин таъмини фаъолияти босуботу бехатари низоми пардохт равона намудааст. Дар ин бора Ҳоким Холиқзода - раиси Бонки миллии Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.



Сиёсати монетарӣ

Ҳоким Холиқзода - раиси Бонки миллии Тоҷикистон гуфт, ки дар соли ҳисоботӣ сатҳи таваррум 4,2 фоизро ташкил намуда, нисбат ба соли қаблӣ 3,8 банди фоизӣ кам мебошад. Нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 5,2 фоиз, молҳои ғайрихӯрокворӣ 4,0 фоиз ва хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 1,9 фоиз ба амал омадааст.

Болоравии нисбии сатҳи нархи молу маҳсулот дар кишвар асосан дар моҳҳои март - майи соли 2022 (3,1 фоиз) дар натиҷаи мураккаб гардидани вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва молиявию тиҷоратӣ дар ҷаҳон, инчунин ҷорӣ гардидани таҳримҳо аз ҷониби кишварҳои Ғарб нисбат ба кишвари шарики асосии тиҷоратӣ ба назар расидааст.

Қайд гардид, ки дар соли сипаришуда 103 музоядаи фурӯши коғазҳои қимматноки Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳаҷми 9,6 млрд сомонӣ баргузор карда шудааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 21,5 фоиз зиёд мебошад. Дар баробари ин, дар ин давра аз ташкилотҳои қарзӣ тавассути амалиёти амонатҳои шабонарӯзӣ маблағҳои озод ҷалб карда шудаанд, ки ба ҳисоби миёна дар як рӯз 0,7 млрд сомониро ташкил менамояд.

Ҳамзамон, меъёри бозтамвил ҳамчун фишанги калидӣ дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ аз 1-уми ноябри соли 2022 ба андозаи 0,5 б.ф. паст карда шуда, дар сатҳи 13,0 фоизи солона муқаррар карда шудааст.

Қурби пули миллӣ устувор боқӣ монд

- Бонки миллии Тоҷикистон,- гуфт раиси Бонки миллии Тоҷикистон,- дар соли 2022 сиёсати қурбиро тибқи реҷаи “шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб” идома дод. Дар ин давра қурби расмии пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА ба андозаи 9,7 фоиз (аз 11,3000 сомонӣ дар санаи 31.12.2021 то ба 10,2024 сомонӣ дар санаи 31.12.2022) устувор гардид.

Дар давоми соли 2022 қурби пули миллӣ дар маҷмуъ дар сатҳи муътадил қарор дошта, нисбати асъори озод табдилшаванда ва шариконӣ савдо, аз ҷумла нисбат ба лираи Туркия ба андозаи 36,5%, рубли Белорус 31,2%, тангаи Қазоқистон 16,7%, юани Чин 15,9%, Евро 14,9%, сӯми Ӯзбекистон 12,9%, somi Қирғизистон 10,7%, доллари ИМА 9,7% ва рубли русӣ 4,1% устувор гардид.

Дар идомаи нишаст раиси БМТ иброз дошт, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ то 31-уми декабри соли 2022 дар маҷмуъ 64 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 15 бонк, 20 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 ташкилоти қарзии хурд ва 26 фонди қарзии хурд фаъолият намудаанд. Шумораи умумии воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзӣ дар интиҳои соли ҳисоботӣ 1 862 ададро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ҳафт адад зиёд гардидааст.

Афзоиши дороиҳо ва уҳдадориҳо таъмин гардид

Зимни нишасти матбуотӣ қайд гардид, ки дороиҳо ва уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ то 31-уми декабри соли 2022 маблағи 30,0 млрд сомонӣ ва 23,7 млрд сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли 2021 мутаносибан 34,0 фоиз (ё 7,6 млрд сомонӣ) ва 36,9 фоиз (ё 6,4 млрд сомонӣ) афзоиш ёфтаанд.

Қарзҳои ғайрифаъол дар ин давра маблағи 1,6 млрд сомонӣ ё 12,0 фоизи сандуқи қарзиро ташкил додаанд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2021 вазни қиёсии онҳо дар сандуқи қарзии маҷмуӣ ба андозаи 1,4 б.ф. коҳиш ёфтааст.

Аз афзоиши пасандоз то қарзҳои пешниҳодшуда

Дар давраи ҳисоботӣ бақияи умумии пасандозҳо 15,5 млрд сомониро ташкил додааст, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 5,3 млрд сомонӣ ё 52,6 фоиз зиёд мебошад.

Аз ҳаҷми умумии бақияи пасандозҳо ҳиссаи пасандозҳо бо пули миллӣ 55,7 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 44,3 фоизро ташкил додааст, ки аз тадриҷан паст шудани сатҳи долларикунонии иқтисодиёт ва зиёд шудани эътимоди аҳолӣ ба пули миллӣ шаҳодат медиҳад.

Дар таркиби пасандозҳо 7,4 млрд сомонӣ ё 47,9 фоизро пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ ва 8,1 млрд сомонӣ ё 52,1 фоизро пасандозҳои шахсони воқеӣ ташкил намудаанд.

Таъкид гардид, ки маблағгузории қарзӣ яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёт, вусъат додани истеъсолоти ватанӣ, устувор намудани иқтидори содиротӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад.

Ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда дар соли 2022 маблағи 14,4 млрд сомониро ташкил додааст, ки дар муқоиса ба соли қаблӣ 700 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда ба бахшҳои истеъмолот 39,0 фоиз, кишоварзӣ 16,9 фоиз, савдои хориҷӣ 14,0 фоиз, саноат 10,3 фоиз, хизматрасонӣ 10,2 фоиз, сохтмон 3,7 фоиз, нақлиёт 1,7 фоиз ва дигар соҳаҳо 4,2 фоиз рост меояд.

Ба соҳибкории истеъсолӣ аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 36,6 фоиз рост омада, маблағи 5,3 млрд сомониро ташкил додааст.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда 61,0 фоиз ё маблағи 8,8 млрд сомонӣ ба соҳибкорон дода шудааст.

Қарзҳои хурди додашуда бошад, маблағи 10,5 млрд сомониро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ 14,3 фоиз зиёд мебошад.

Фоизи миёнавазни қарзҳо дар соли 2022 бо пули миллӣ 23,3 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 12,0 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ бо пули миллӣ 0,6 б.ф. ва бо асъори хориҷӣ 1,0 б.ф. кам аст.

Низоми пардохт

Тибқи маълумоти оморӣ, то 31-уми декабри соли 2022 шумораи кортҳои пардохтии бонкии ба муомилот баровардашуда 5,1 млн ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 45,5 фоиз зиёд мебошад. Теъдоди умумии ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои қарзӣ ба 6,3 млн адад баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 2,8 млн адад (79,1 фоиз) афзоиш ёфтааст.

Сиёсати кадрӣ

Қайд карда шуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон ба масъалаи ҷалби бештари занону духтарон ба кор дар муассисаҳои низоми бонкӣ ва ба вазифаҳои роҳбарикунанда пешбарӣ кардани онҳо диққати махсус медиҳад. То 31-уми декабри соли 2022 аз шумораи умумии кормандони низоми бонкӣ 6 936 нафарро бонувон (ё 39,1 фоиз) ташкил медиҳанд. Аз ин шумора 3 372 нафар бонувон бевосита ба хизматрасонии бонкӣ ба мизоҷон машғул ҳастанд ва аз онҳо 474 нафарашон корманди роҳбарикунанда мебошанд (ё 18,8 фоиз аз шумораи умумии вазифаҳои роҳбарикунанда дар низоми бонкӣ).

Рушди ташкилотҳои суғуртавӣ

Дар соли ҳисоботӣ дар кишвар 16 ташкилоти суғуртавӣ, аз ҷумла 1 ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ бо 67 филиали худ ба аҳолии ҷумҳурӣ хизматрасониҳои суғуртавиро пешниҳод намудаанд. Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ ба санаи 31-уми декабри соли 2022 маблағи 612,0 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 16,4 фоиз зиёд мебошад.

Уҳдадориҳои ташкилотҳои суғуртавӣ ба 226,0 млн сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 10,0 фоиз афзоиш ёфтаанд.

Сармояи тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ бошад, то санаи 31-уми декабри соли ҳисоботӣ ба 386,0 млн сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2021-ум 20,6 фоиз зиёд гардидааст.

Робитаҳои байналмилалӣ самара меоранд

Бонки миллии Тоҷикистон бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз ҷумла Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА), Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Бонки Осиёии Рушд, Бонки Исломии Рушд, Бонки рушди Авруосиё, Бонки байнидавлатӣ, Иттиҳоди дастрасии молиявӣ, фондҳои байналмилалӣ, бонкҳои марказӣ (миллӣ) ва сохторҳои бонкии кишварҳои хориҷи наздику дур бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ ҳамкории зичро ба роҳ мондааст.

Қайд намудан зарур аст, ки ҷалби ҳарчи бештари сармояҳои дохилӣ ва хориҷӣ яке аз вазифаҳои асосии низоми бонкӣ ба шумор меравад.

Дар робита ба ин, дар натиҷаи андешидани тадбирҳои саривактӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар соли 2022 ба низоми бонкии кишвар 1,3 млрд доллари ИМА қарз, сармоягузориҳои мустақим ҷалб карда шудаанд, ки нисбат ба соли 2021-ум 268,7 млн доллари ИМА ё 26,6 фоиз зиёд мебошад.

НОРАК

Шаҳри дӯстиву бародарӣ ободтару зеботар мегардад

Шаҳри Норак дар соҳили дарёи Вахш ҷойгир буда, масоҳаташ қариб 400 километри мураббаъро ташкил медиҳад. Аз байни куҳҳое, ки Норакро ба оғӯш гирифтаанд, куҳи Нор зеботарин ва баландтарин (1714 метр) мебошад. Ин шаҳри энергетикҳоро зиёда аз 40 миллати гуногун сохтаанд, ки имрӯз аксарияти ин миллатҳо дар шаҳр кору зиндагӣ доранд. Ба бунёди ин шаҳри ҷавонтарин 62 сол пур шуд. Он аз 39 маҳаллаю деҳот, ду ҷамоати деҳот, 4 минтақаи манзилӣ, 38 муассисаи таълимӣ, 44 бахши тандурустӣ - беҳдоштӣ, варзишгоҳу 14 толори варзишӣ, Қасри фарҳанг, осорхона, 24 клубу китобхона, 22 ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, 46 номгӯй мавзеъҳои сайёҳӣ, 4 меҳмонхона, 2 бозори замонавӣ ва ғайра иборат аст.



Асозода Дилшод Алимурод, раиси шаҳри Норак

ШАҲРИ НУР

Норак - шаҳри барқчиёни тоҷик дорои таърихи тӯлонист. Дар китоби «Тоҷикон» ишора меравад, ки замони асри санг дар ин ҷо одамон умр ба сар мебурданд. Чил ҳазор бозёфтҳое, ки муаррихон аз ҳафриёти Норак пайдо кардаанд, интизори омӯзиш ва хулосаҳои мутахассисонанд.

Бо барқарор гардидани Ҳукумати Шӯравӣ, солҳои 20-30-юми асри 20 дар ин гӯшаи диёрамон ҳам нишонаҳои ҳаёти нав пайдо шуданд. Ҳамон солҳо гидроэнергетикҳои ҷавони шӯравӣ ба мувофиқ будани Норак барои бунёди нерӯгоҳи барқи обӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда буданд.

Маҳз бо ташаббуси сарвари ҳамонвақтаи Ҳизби коммунисти Тоҷикистон Турсун Ӯлчабоев сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии “Норак” соли 1960 ҷомаи амал пӯшид. Охирҳои соли 1960 Совети Вазирони СССР дар бораи сохтмони НБО-и “Норак” қарор қабул кард ва сохтмони калонтарин дар Осиёи Марказӣ - Нерӯгоҳи барқи обии “Норак” оғоз гардид. Ҳамон сол дар ҷои деҳаҳои Тутқавул, Норак, Лангар ва Деҳи Сабур корҳои сохтмонӣ оғоз ёфт. Сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ ба Норак ҳаёти тоза бахшид.

Агрегати аввалини Нерӯгоҳи барқи обии “Норак” пеш аз муҳлат - 15-уми ноябри соли 1972 ба кор андохта шуд ва моҳи декабри соли 1979 агрегати охирини нерӯгоҳ барои истеҳсоли қуввааи барқи арзон ба истифода дода шуд.

Бино ба иттилои раиси шаҳри Норак Асозода Дилшод Алимурод, нерӯгоҳҳои барқи обии “Норак”-у “Бойғозӣ” аз соли баистифодадиҳӣ то ба имрӯз 543634 млн киловатт-соат қуввааи барқ истеҳсол намудаанд.

ИҶРОИ НАҚШАИ АНДОЗ

Ба ҳамагон маълум аст, ки андоз ободии маҳалу давлату раият аст. Баҳри таъмини тараққиёти иқтисодиву иҷтимоии шаҳр, баланд бардоштани роҳу усули хоҷагидорӣ, бехдошти некӯаҳволии мардум давоми соли гузашта корҳои шоистаю назаррас ба сомон расонида шудаанд.

Ҷамъоварии маблағи андозҳо дар 12 моҳи соли 2022-юм 91 фоиз иҷро гардида, ба буҷа 58,2 млн сомонӣ ворид гардидааст. Ҳамагӣ андози иҷтимоӣ дар соли 2022-юм 99 фоиз иҷро ё ин ки 41,5 млн сомонӣ таъмин гардидааст. Қисми хароҷоти буҷет бошад, аз рӯи нақшаи пешбинишуда дар соли 2022-юм 99 фоиз ё 59,5 млн сомонӣ таъмин карда шудааст.

РУШДИ СОҲАИ САНОАТ

Корхонаҳои саноатии шаҳр дар соли 2022-юм 1,6 млрд сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд.

Ҷиҳати татбиқ намудани ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати мамлакат аз тарафи соҳибкорони шаҳр бо маблағгузории мустақим корхонаҳои нави саноатӣ, аз қабили истеҳсоли “Микросемент”, коркарди сангҳои ороишӣ, маводҳои сохтмонӣ, гачи кардонӣ, қуму шағал бо таъсиси 142 ҷойи корӣ сохта ба истифода дода шудаанд.

Ҷиҳати иҷрои банди 45-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2022, №151 “Дар бораи қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда” дар ин давра 4 адад коргоҳҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла 2 адад коргоҳҳо бо истеҳсоли хишти қирӣ (сементблок) “Қубонгул”, “Қубони Шунгакӣ”), “Лаззати Норак” бо истеҳсоли гӯшти мурғ ва “Умедҷони Хуршед” бо истеҳсоли молҳои дӯхта ҳамчун ҶДММ аз нав ба қайд гирифта шудаанд.

СОХТМОН ВА МЕЪМОРӢ

Иҷроиши корҳои сохтмонӣ-пудратӣ дар 11 моҳи соли 2022-юм 423,1 млн сомонӣ ба анҷом расонида шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли 2021-ум 2,5 баробар ё ин ки 253,9 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли 2022 аз ҷониби соҳибкорон 36 иншоот ба маблағи 46,0 млн сомонӣ сохта мавриди истифода қарор дода шудааст.

Ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси нақшаи чорабиниҳо сохта ба истифода додани 180 адад иншоот, аз ҷумла 8 адад биноҳои маъмурӣ, 8 адад муассисаҳои таълимӣ, 6 адад табобатӣ, 5 адад варзишӣ, 2 адад фарҳангӣ, 20 адад корхонаҳою коргоҳи саноатӣ ва 131 адад иншооти хизматрасонию маишӣ, истиқоматӣ, кишоварзӣ, фароғатӣ ва савдо ба нақша гирифта шудааст.

То ба имрӯз дар 120 адад иншооти гуногун корҳои сохтмонию азнавсозӣ оғоз гардида, 30 адад иншооти таъиноташон аи граждани вазифадор карда шудаанд, ки амалишавии сармояҳои хориҷиро зери назорати доимӣ қарор дода, баҳри марҳила ба марҳила амалӣ гаштани лоиҳаҳо чораҳои заруриро амалӣ намоянд.

МОҲИПАРВАРӢ

Соҳаи моҳипарварӣ дар шаҳр яке аз соҳаҳои рӯ ба инкишоф буда, ба 14 адад хоҷагиҳои моҳипарварӣ масоҳати умумии 139,5 гектар қитъаҳои замин дар заминаи обанбори НБО-и “Бойғозӣ” чудо карда шуда, аз ин 7 адад хоҷагӣ кӯлу ҳавз ташкил ва дар масоҳати умумии 16,77 гектар кӯл ба парвариш ва сайди моҳӣ машғул мебошанд.

Ба гуфтаи раиси шаҳри Норак Дилшод Асозода, шаҳр на танҳо сол ба солу моҳ ба моҳ, балки рӯз ба рӯзу соат ба соат симои нав ба худ касб мекунад.

- Агар дар 10 моҳи соли гузашта 17 иншоот сохта мавриди истифодабарӣ қарор гирифта бошанд, пас имрӯзҳо корҳои сохтмонӣ, таҷдиду азнавсозии кӯли «Ҷавонон», пули нақлиётии маҳаллаи Даҳана, 2 майдони варзишӣ, 6 адад биноҳои чорошёна дар маҳаллаи Дӯконӣ, бинои кинотеатри «Вахш», як бинои ҳафтошёна, бинои маркази саломатии маҳаллаи Лангар, 6 адад нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ, муассисаи томактабӣ босуръат идома доранд. Мардуми сарбаланди шаҳри Норак дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар самти ободонӣ роҳнамои созандагию бунёдкориҳои хеш карда истодаанд,- меафзояд Дилшод Асозода.

Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО

УНИВЕРСИТЕТ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

УНИВЕРСИТЕТ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ (УЦА) БЫЛ УЧРЕЖДЕН В 2000 ГОДУ. УЧРЕДИТЕЛЬНЫЙ ДОГОВОР ЭТОГО ЧАСТНОГО НЕКОММЕРЧЕСКОГО СВЕТСКОГО УНИВЕРСИТЕТА ПОДПИСАЛИ ПРЕЗИДЕНТЫ ТАДЖИКИСТАНА, КЫРГЫЗСТАНА И КАЗАХСТАНА И ЕГО ВЫСОЧЕСТВО АГА ХАН; ПОСЛЕ ЧЕГО ДОГОВОР БЫЛ РАТИФИЦИРОВАН ПАРЛАМЕНТАМИ ТРЕХ РЕСПУБЛИК И ЗАРЕГИСТРИРОВАН В ОРГАНИЗАЦИИ ОБЪЕДИНЕННЫХ НАЦИЙ. ПРЕЗИДЕНТЫ ИМЕЮТ СТАТУС ПОКРОВИТЕЛЕЙ УЦА, А ЕГО ВЫСОЧЕСТВО ЯВЛЯЕТСЯ КАНЦЛЕРОМ УНИВЕРСИТЕТА.

МИССИЯ

Миссия УЦА – стимулировать социально-экономическое развитие Центральной Азии и ее горных сообществ в частности, за счет предоставления высшего образования, отвечающего признанным международным стандартам, и помочь народам региона сохранить для будущих поколений их богатые культурные традиции.

НАШ ВКЛАД

УЦА предлагает странам с переходной экономикой и сообществам региона лидерство, идеи и инновации через образовательные и интенсивные исследовательские программы, позволяющие готовить знающих, опытных и креативных выпускников.

ЧТО МЫ ПРЕДЛАГАЕМ

УЦА предлагает уникальную образовательную возможность – получив степень бакалавра, студенты могут поступить на магистратуру в лучшие университеты мира. Инновационная инфраструктура кампусов УЦА удовлетворяет самый широкий спектр интересов и потребностей современного студента.



АКАДЕМИЧЕСКИЕ ПРОГРАММЫ

Школа Гуманитарных и Точных Наук УЦА предлагает программу бакалавриата, помогающую студентам получить знания и навыки, которые в будущем позволят им комбинировать различные подходы для решения задач и внедрения инноваций в профессиональной деятельности и личностном развитии.

Уникальный подход УЦА к обучению объединяет в себе:

- *Гуманитарное и техническое образование, развивающее критическое мышление, и аналитические и технические навыки в различных дисциплинах;*
- *Востребованные и актуальные специализации. Учебные планы разрабатываются ведущими международными ВУЗами;*
- *Обучение через практику – теоретические и практические знания, которые можно применить для решения реальных задач.*

Пятилетняя учебная программа УЦА начинается с интенсивной Подготовительной программы, после чего студенты переходят к четырехлетней программе бакалавриата. Основное внимание в рамках Подготовительной программы, разработанной совместно с Сенека-Колледжем (г. Торонто, Канада), уделяется английскому языку для академических целей, математике и наукам, чтобы подготовить студентов к насыщенной программе бакалавриата.

Программы бакалавриата	Кампус г. Нарын,	Кампус г. Хорог,	Кампус г. Текели (В стадии планирования)
Бакалавр естественных наук	Компьютерная наука	Науки о земле и окружающей среде	Инженерно – технические науки
Бакалавр гуманитарных наук	Коммуникации и СМИ	Экономика	Бизнес и управление


ФАКТЫ И ЦИФРЫ

На 1 преподавателя приходится 9 студентов	100% студентов УЦА получают финансовую поддержку
9 международных партнерских Университетов	Ежегодно студентам присуждаются полные стипендии
Футбольные поля, одобренные FIFA, теннисные корты, зал для фитнеса и спортзал, способствуют занятию спортом круглый год	Преподаватели из более чем 10 стран дальнего зарубежья и региона

ФИНАНСОВАЯ ПОДДЕРЖКА

Получить образование в Университете Центральной Азии можно со значительными финансовыми льготами: если студент зачислен на поступление, его финансовое положение не является преградой для получения качественного образования. Благодаря программе щедрой финансовой помощи студенты зачисляются в УЦА только на основе академической успеваемости, а возможность платить не является критерием при отборе студентов. Если абитуриент зачислен в университет, ему гарантируется финансовая поддержка в виде стипендий, грантов и беспроцентных займов.

Оплата обучения и проживание вносится в валюте той страны, где расположены кампусы, и не меняется в течение всего курса бакалавриата. Оплата за обучение в УЦА составляет 5000 долларов США в год, что дешевле, чем в большинстве университетов Центральной Азии, а также Китая, Турции и России. Сумма финансовой поддержки для каждого аппликанта рассматривается в индивидуальном порядке и учитывает положение семьи.



Средний размер оплаты студентов УЦА за академический год, включающей все расходы на обучение, проживание и питание в прошлом году составил менее $1400 долларов США (или $140 долларов США в месяц).

Плата за обучение – 5000 долларов США Проживание, питание и др. 3000 долларов США	ФИНАНСОВАЯ ПОДДЕРЖКА	Средняя плата за обучение 1400 долларов США

На кампусах студентам предоставляются комфортабельные жилые помещения, питание, ноутбуки, медицинское обслуживание и другие условия. Стоимость данных услуг за академический год составляет 3000 долларов США также субсидируется в рамках финансовой поддержки. Академически сильным студентам из Центральной Азии (Таджикистана, Кыргызстана и Казахстана) на конкурсной основе будут присуждены полные стипендии

Программа кооперативного образования (оплачиваемые/неоплачиваемые стажировки)

Программа предусматривает практическое обучение на рабочем месте, где студенты могут в реальной жизни (в частном, государственном или гражданском секторе) применить связанные с их специализацией знания, которые они получили в классе. Предлагая оплачиваемые летние стажировки, программа готовит студентов к успешной учебной, научной и профессиональной деятельности после окончания университета. Программа стажировки была разработана совместно с Университетом Виктории (Канада).

УЦА является единственным университетов в Центральной Азии, являющимся полноценным институциональным партнёром WACE (Международная Ассоциация Кооперативного Образования).

WACE - международная профессиональная организация, занимающаяся разработкой, расширением, брендингом и продвижением кооперативных и интегрированных в работу образовательных программ в организациях и образовательных учреждениях.

Программа кооперативного образования УЦА предлагает:

- *Эмпирическое обучение на рабочем месте*
- *Практическое применение знаний и навыков*
- *Налаживание связей со специалистами*
- *Курс повышения квалификации*
- *Работа в летний и зимний период на полный или неполный рабочий день*
- *Общий стаж – более 9 месяцев*
- *Возможность трудоустройства после окончания учебы*

ПОДАТЬ ОНЛАЙН ЗАЯВКУ НА ПОСТУПЛЕНИЕ В УЦА:

15 МАРТА 2023 – Закрытие приема заявок для поступления
2 АПРЕЛЯ 2023 – Сдача вступительного экзамена УЦА или подача баллов на экзамен SAT

МАЙ 2023 – АБИТУРИЕНТЫ, ПРОШЕДШИЕ ПРЕДВАРИТЕЛЬНЫЙ ОТБОР, ПРЕДОСТАВЛЯЮТ:

- **Заявку 2-го этапа**
- **Заявку на получение финансовой поддержки**
- **Интервью**

КОНТАКТЫ:
446014455
+992 939999964
admissions@ucentralasia.org

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Равзанаи фардои дурахшони шумо



Раҳмон Дилшод Сафарбек, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар партави сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар баробари дигар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар дар такя ба таърихи 78-солаи худ ҳамчун боргоҳи муқаддас ва муҳими ахлоқӣ дар тарбияи насли донишманду босавод, тарбияи омӯзгорони ҷавон, соҳибфарҳанг, қавииродаву кордон нуфузи хоса касб намуда, дар омода намудани мутахассисони рақобатпазир ва ҷавобгӯ ба бозори меҳнат нақши созгор дорад.

Имрӯз ин чароғи маърифат ва кохи бошукуҳи маориф ба як машъали фурӯзон табдил ёфта, ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён кору фаъолияти худро дар асоси дастуру ҳидоятҳои Пешвои маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳо, консепсияҳо, стратегияҳо, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, низомномаҳо, нақшаи корӣ, қарорҳои Шӯрои олимони Донишгоҳ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф ба роҳ монда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегии ҳукумати мамлакат ва дар арсаи байналмилалӣ тавассути омода намудани кадрҳои баландихтисос муаррифӣ намудани кишвари азизамон - Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣ андешида, корҳои назаррасу муҳимро анҷом дода истодаанд. Донишгоҳ қабули довталабонро барои соли таҳсили 2023-2024 аз рӯйи 58 ихтисос эълон менамояд. Бо интихоби Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оянда шумо дурахшон хоҳад шуд.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дорои хобгоҳҳои замонавӣ барои донишҷӯёну омӯзгорон (муҳайё бо тамоми шароити зист), 8 марказ, аз ҷумла маркази омӯзиши забонҳои хориҷӣ, табъу нашр, рушди касбият, ҳунарҳои мардумӣ, шурои диссертатсионӣ, синфхонаҳои мучаҳҳаз бо технологияи замонавӣ, лабораторияҳои замонавии таҳассусӣ, китобхонаи барҳаво, китобхонаи электронӣ пайваст бо интернети баландсуръат, 8 маркази имтиҳонотии тестӣ, шабакаи ягонаи таълимӣ пайваст ба сервери ягонаи пуриқтидор, маҷлисгоҳҳои замонавӣ, синфхонаҳои лингофонӣ, радиои дохилӣ, варзишгоҳҳои тобистонаву зимистонаи мутобиқ ба талаботи муосир, Парки технологӣ, қитъаҳои таҷрибавию истехсолӣ, лабораторияҳо, маркази касбомӯзӣ, литсей, коллеҷи омӯзгорӣ, сомонаи расмӣ, нашрия, маҷаллаҳои илмӣ, лагери истироҳатӣ, кӯдакистон, боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, шаҳраки донишҷӯён, ошхонаҳои муосиру замонавӣ, марказҳои хизматрасонии компютерӣ буда, ба муҳассилин 625 нафар мутахассисони соҳибтаҷриба, профессорон ва докторону номзадҳои илм таълим медиҳанд. Ҳамчунин, дар Донишгоҳ курсҳои кӯтоҳмуддати тайёрӣ амал мекунанд, ки довталабонро аз рӯйи кластерҳои тахассусии Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода менамоянд.

Донишгоҳ таҳсилро дар таълими рӯзона ва низоми таҳсилоти фосилавӣ ба роҳ монда, ҳамчунин, барои идомаи таҳсил баъди хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, маълумоти дуюм аз ихтисосҳои мавҷуда имконият муҳайё намудааст.

Дар Донишгоҳ маҳфилҳои гуногуни илмӣ-фаннӣ фаъолият менамоянд, ки донишҷӯён бевосита аъзои онҳо буда, савияи дониши худро сайқал медиҳанд ва тавассути ин маҳфилҳо дар олимпиадаву озмунҳои ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намоён мегарданд.

Дар донишгоҳ шуъбаи тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳо, шуъбаи магистратура, докторантураи PhD фаъолият менамояд, ки дар омода намудани кадрҳо илмӣ саҳми беназир доранд. Танҳо дар соли 2022-юм 13 нафар омӯзгорон рисолаҳои номзадӣ, 2 нафар рисолаи докторӣ дифоъ намуда, дар аввали соли 2023-юм 15 нафари дигар барои дифои рисолаҳои илмии худ иҷозат гирифтанд.

Маҳз заҳмату талошҳои шабонарӯзии ҳайати олимону профессорон ва докторону номзадҳои илми Донишгоҳ аст, ки ҳамасола донишҷӯёни Донишгоҳ дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва мусобиқаҳои варзишии ҷумҳуриявию байналмилалӣ ширкат намуда, сазовори мақомҳои фахрӣ ва соҳиби диплому ҷоизаҳо мегарданд.

Интихоби Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ равзанаи фардои дурахшони шумо хоҳад буд!



НОМГӮИ ИХТИСОСҲО, ШАКЛ ВА НАРХНОМАИ ТАҲСИЛ ДАР ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2023-2024

ИХТИСОСҲО			Таълими рӯзона ройгон ва пулакӣ	Таълими фосилавӣ ройгон ва пулакӣ	Забони таҳсил	
					Рӯзона	фосилавӣ
1	1020505	Информатика	2590	2500	тоҷикӣ	тоҷикӣ
2	1020501	Математика	2590	2100	тоҷикӣ	тоҷикӣ
3	131030302	Математикаи амалӣ	2260	0	тоҷикӣ	
4	1020602	Технология (аз рӯи самтҳо)	2300	0	тоҷикӣ	
5	102050401	Физика. Математика	2590	2100	тоҷикӣ	тоҷикӣ
6	102050403	Физика. Таълими меҳнат	2260	0	тоҷикӣ	
7	131 03 04 08	WEB-дизайн ва графикаи компютерӣ	2635	2500	тоҷикӣ	тоҷикӣ
8	131 03 04 02	Таъмини барномавии низомҳои автоматизатсия	2635	0	тоҷикӣ	
9	102060102	Технология (меҳнати техникӣ ва нақшакашӣ)	2300	0	тоҷикӣ	
10	125010403	Андоз ва андозбанӣ	4500	0	тоҷикӣ	
11	125010803	Баҳисобгирии бухгелтерӣ, таҳлил ва аудит дар муассисаҳои бучетӣ ва илмӣ	4650	3500	тоҷикӣ	тоҷикӣ
12	1020402	География	2240	0	тоҷикӣ	
13	13102010203	Географияи сайёҳӣ ва менеҷменти сайёҳат	2800	2650	тоҷикӣ	тоҷикӣ
14	102040503	География. Иқтисодиёт	2700	0	тоҷикӣ	
15	126010101	Идораи мақомоти маҳалӣ	4650	0	тоҷикӣ	
16	1250103	Иқтисодиёти ҷаҳонӣ	4650	0	тоҷикӣ, англисӣ	
17	1250107	Иқтисодиёт ва идора дар корхона	4500	3500	тоҷикӣ	тоҷикӣ
18	125010402	Кори бонкӣ	4200	0	тоҷикӣ	
19	1260203	Маркетинг	4200	3500	тоҷикӣ	тоҷикӣ
20	126020206	Менеҷменти иҷтимоӣ (маориф)	4200	3500	тоҷикӣ	тоҷикӣ
21	1250104	Молия ва қарз	4200	0	тоҷикӣ, русӣ	
22	126 02 02 03	Менеҷменти инноватсионӣ	4200	3500	тоҷикӣ	тоҷикӣ
23	1890101	Сайёҳӣ ва мехмондорӣ	2800	0	тоҷикӣ	
25	1020302	Забон ва адабиёти рус	2760	2650	русӣ	русӣ
26	102030401	Забон ва адабиёти рус. Забон ва адабиёти тоҷик	2760	0	русӣ, тоҷикӣ	
27	1020301	Забон ва адабиёти тоҷик	2700	2200	тоҷикӣ	тоҷикӣ
28	1-020303	Забон ва адабиёти тоҷик. Ихтисоси иловагӣ (Маърифати оиладорӣ)	2700	0	тоҷикӣ	
29	102030601	Забони англисӣ. Забони олмонӣ	3560	0	англисӣ	
30	1020306	Забони хориҷӣ (англисӣ)	3560	0	англисӣ	
31	1020307	Забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ - хитоӣ)	3560	0	англисӣ	
32	121050103	Забоншиносӣ ва технологияи нави иттилоотӣ	2400	0	тоҷикӣ	
33	1230111	Китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ (аз рӯи самтҳо)	0	2200		тоҷикӣ
34	103 03 05-02	Логопедия. Таҳсилоти ибтидоӣ	2350	0	тоҷикӣ	
35	103 03 08-01	Олигофренопедагогика. Таҳсилоти томактабӣ	2350	0	тоҷикӣ	
36	1230108	Рӯзноманигорӣ	2700	0	тоҷикӣ	
37	103 03 06-01	Сурдопедагогика. Таҳсилоти томактабӣ	2350	0	тоҷикӣ	
38	1010201	Таҳсилоти ибтидоӣ	2350	2200	тоҷикӣ	тоҷикӣ
39	1010202	Таҳсилоти ибтидоӣ. Ихтисоси иловагӣ	2350	2200	тоҷикӣ	тоҷикӣ
40	101020203	Таҳсилоти ибтидоӣ. Санъати мусиқӣ	2350	0	тоҷикӣ	
41	1010102	Таҳсилоти томактабӣ. Ихтисоси иловагӣ	2350	2200	тоҷикӣ	тоҷикӣ
42	1030403	Равоншиносии амалӣ	2350	0	тоҷикӣ	
43	101 02 02-02	Таҳсилоти ибтидоӣ. Санъати тасвирӣ	2350	0	тоҷикӣ	
44	1020101	Таърих	2350	2200	тоҷикӣ	тоҷикӣ
45	1020102	Таърих. Ихтисоси иловагӣ (ҳуқуқ)	3400	3100	тоҷикӣ	тоҷикӣ
46	1230101	Муносибатҳои байналмилалӣ	4300	0	тоҷикӣ	
47	1-26 01 02	Идораи давлатӣ ва ҳуқуқ	4300	3500	тоҷикӣ	тоҷикӣ
48	1-230106-0103	Сиёсат ва идораи давлатӣ	4300	0	тоҷикӣ	
49	1-02010205	Таърих. Диншиносӣ	2350	0	тоҷикӣ	
50	1-2103010111	Таърихи дин	2350	0	тоҷикӣ	
51	1020102	Таърих. Таърихи дин	2350	0	тоҷикӣ	
52	131010103	Биология (биотехнология)	2800	0	тоҷикӣ	
53	1020404	Биология. Экология	2800	2650	тоҷикӣ	тоҷикӣ
54	102040601	Химия. Биология	2800	2650	тоҷикӣ	тоҷикӣ
55	1020406	Химия. Экология	2800	2650	тоҷикӣ	тоҷикӣ
56	1030201	Тарбияи ҷисмонӣ	2650	2500	тоҷикӣ	тоҷикӣ
57	1030202	Тарбияи ҷисмонӣ. Омодагии дифои ҳарбӣ	2650	2600	тоҷикӣ	тоҷикӣ
58	1-250111	Аудит ва ревизия	4300	0	тоҷикӣ	

НОМИ ПУРРА: Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»

СУРОҒА: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16

ТЕЛ.: 8(33-22) 2-35-06, 2-35-09, факс: 8(33-22) 2-35-06
НИШОНИИ ЭЛЕКТРОНӢ: info@kgu.tj
СОМОНАИ ИНТЕРНЕТӢ: www.kgu.tj

Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дуюмин муассисаи олии касбии тиббии муқтадири кишвар аст, ки дар самти татбиқи сиёсати тандурустӣ нақши бориз дорад. ДДТХ мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми феврали соли 2016, таҳти №79 бо назардошти афзоиши аҳолии мамлакат ва қонеъ намудани талаботи кишвар ба мутахассисони соҳаи тиб, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфтааст.



ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ХАТЛОН

ва нақши боризи он дар татбиқи сиёсати тандурустӣ

Маълумоти оморӣ

Дар оғози соли 2023, аз рӯи маълумотҳои оморӣ, шумораи умумии омӯзгорону кормандони ДДТХ аз 336 нафар иборат буда, аз ин шумора 175 нафар ё худ 52,1%-ро ҳайати профессорону омӯзгорон ташкил медиҳад. Теъдоди омӯзгорони дараҷаи илмидошта аз 21 нафар иборат аст, ки 16,8%-ро ташкил медиҳад.

Теъдоди умумии донишҷӯён аз 2251 нафар иборат буда, аз ин шумора донишҷӯёни факултети тиббӣ аз 1055 (46,8%) нафар, факултети педиатрӣ аз 848 (37,6%) нафар ва факултети стоматологӣ аз 348 (15, 4%) нафар иборат мебошад. Аз шумораи умумии донишҷӯён 780 (34,6%) нафар тариқи буҷавӣ ва 1471 (65,4%) нафар дар гурӯҳи шартномавӣ таҳсил менамоянд. Теъдоди духтарон 601 (26,7%) нафар ва писарон аз 1650 (73,3%) нафар иборат аст. Дар байни донишҷӯён 15 (0,6%) нафар ятими кулл ва 15 (0,6%) нафар маъюбони гурӯҳи 2 - 3 таҳсил менамоянд. Миқдори гурӯҳҳои академӣ аз 126 адад иборат буда, аз ин миқдор 47 (37,3%) гурӯҳ бо забони тоҷикӣ ва 79 (62,7%) гурӯҳ бо забони русӣ таҳсил менамоянд. Аз шумораи умумии донишҷӯён 501 нафар (22,1%) бо хобгоҳ таъмин мебошанд. Дар зинаи таҳсилоти баъдидипломӣ дар донишгоҳ теъдоди аспирантҳо аз 7 нафар, унвончӯён аз 12 нафар, докторантҳо аз 3 нафар, интернаҳои клиникӣ аз 160 нафар ва ординаторони клиникӣ аз 10 нафар иборат мебошад.

Сохтори донишгоҳ аз 10 шуъба, 2 шӯрои илмӣ, 4 марказ, 19 кафедра, 3 факултет, 2 коллеҷ, 1 китобхона, 4 ташкилоти ҷамъиятӣ, дармонгоҳ ва бахши хоҷагидорӣ иборат аст.

Фонди умумии китобхонаи донишгоҳ дар давраи ҳисоботӣ аз 33 269 нусха адабиёти чопӣ иборат буда, адабиёти электронӣ бошад, 75 000 маводро ташкил медиҳад.

Дастовардҳои донишҷӯён ва донишгоҳ

Бояд қайд намуд, ки фаъолияти донишгоҳ дар давоми соли 2022 назаррас ва босамар буд. Аз рӯи натиҷаи озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар ин муддат дар маҷмуъ 38 ҷойҳои намунавӣ ва ифтихорӣ ба даст оварда шуд.

Дар таърихи донишгоҳ аввалин маротиба хатми 336 нафар донишҷӯён аз рӯи ихтисосҳои “Кори табобатӣ”, “Педиатрия” ва “Стоматология” сурат гирифт, ки аз ин шумора 46 нафар ё худ 13,6% соҳиби дипломи аъло гардиданд. Тибқи тақсимоти фардӣ 46 нафар ба риштаи ординатураи клиникӣ ва 290 нафар ба риштаи интернатураи клиникӣ роҳхат ёфтанд.

Моҳи июни соли гузашта бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аввалин бинои хобгоҳи донишҷӯёни ДДТХ дар маросими тантанавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Донишгоҳ дар доираи ҳамкориҳо бо Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ барои муҷаҳҳазсозии озмоишгоҳи “Реаксияи занҷиравии полимеразӣ (ПЦР)” бо маблағи умумии 100 000 евро соҳиби таҷҳизот шуд.

Донишгоҳ соли 2022 дар асоси татбиқи бомароми лоиҳаи (SPRING) “Муайян намудани ҳадафҳо ва воситаҳои баҳодиҳии экспертӣ оид ба таҳсилоти тиббӣ), ки дар он 14 донишгоҳи бонуфуз аз 8 давлати қитъаи Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Миёна шомил буданд, узви комилҳуқуқи “Ассотсиатсияи баҳодиҳии экспертии таълими тиббӣ дар Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ” шуд.

Фаъолияти таълимӣ

Дар сатҳи баланд ташкил кардан ва гузаронидани сессияи имтиҳонӣ яке аз омилҳои асосии пешбурди фаъолияти босуботи таълим дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба шумор рафта, нишондиҳандаи асосии фаъолияти донишгоҳ ва яке аз меъёрҳои муайянсозии сатҳу сифати таълим ва дарсомӯзии донишҷӯён ба шумор меравад.

Дар соли таҳсили 2022-2023 ба курси 1-уми се факултети ДДТХ 401 нафар қабул гардидаанд, ки аз ин теъдод 158 нафар (39,5%) ба таври буҷавӣ ва 243 нафар ё худ 60,5% ба тариқи шартномавӣ мебошанд. Аз шумораи умумӣ ба факултети тиббӣ 191 (47,7%) нафар, педиатрӣ 151 (37,5%) нафар ва ба факлутети стоматологӣ 59 (14,8%) нафарро ташкил медиҳад.

Дар Маркази таҳсилоти баъдидипломии донишгоҳ такмили ихтисос аз рӯи 54 барнома ва бозомӯзии касбӣ аз рӯи 11 барнома, дар маҷмуъ, 65 барнома амалӣ мегардад.

Фаъолияти илмӣ

Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ низ дар ин давра аз ҷониби кафедраҳои донишгоҳ таҳким ёфта, дар маҷмуъ олимони донишгоҳ 75 таълифоти илмӣ нашр намуда, соҳиби 5 пешниҳодоти навоварона гаштаанд.

Ҳамзамон, 16 нафар омӯзгорон дар 2 конфронси вилоятӣ ва сатҳи ҷумҳуриявӣ ширкат варзида, бо маърӯзаҳои илмӣ баромад намудаанд.

Аз ҷониби олимони ҷавон ва донишҷӯёни фаъол барои иштирок ва ба нашр расонидани маводҳои илмӣ дар Конфронси байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд ва дар Конфронси XVII илмӣ - амалии олимони ҷавони ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, ки моҳи апрели соли гузашта баргузор гардида буд, ҳамагӣ 88 мақола ва фишурдаҳо пешниҳод гардидааст. Қайд менамоем, ки имсол олимони ҷавони донишгоҳ дар озмуни ҷумҳуриявии “Илм - фурӯғи маърифат” ширкат намуда, 5 нафар ба даври ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифтанд. Аз рӯи натиҷаи даври ниҳоӣ дар самти ихтироъкорӣ ДДТХ ба гирифтани ҷойи сеюм мушарраф гашт.

Дар давоми соли ҳисоботӣ корҳои илмию нашриявии донишгоҳ вусъат ёфта, дар ин давра 452 таълифоти илмӣ (371 фишурда ва 81 мақола), 1 ихтироот, 11 пешниҳоди навоварона, 6 дастурамалҳои таълимӣ - методӣ, 4 шумораи маҷаллаи “Симруғ”, 12 шумораи рӯзномаи “Пайки Шифо” ва 4 шумораи бюллетенҳои иттилоотӣ нашр шудаанд.

Фаъолияти байналмилалӣ

Фаъолияти равобити байналмилалии донишгоҳӣ низ дар баробари дигар самтҳои фаъолияти донишгоҳ хуб ба роҳ монда шуда, дар соли 2022 дар доираи барномаҳои гранти Эрасмус+ 2 лоиҳа ва 1 лоиҳа аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ ба анҷом расонида шудааст. Аз ҷумла, лоиҳаи «CHILDCA (Баланд бардоштани омӯзиши табобати кӯдакон ҳамчун модели такмил додани таҳсилоти тиббии баъд аз дипломӣ дар Осиёи Марказӣ)», “SPRING (Муайян намудани ҳадафҳо ва воситаҳои баҳодиҳии экспертӣ оид ба таҳсилоти тиббӣ)» ва лоиҳаи “Рушди таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон” доир ба таъсис ва мучаҳҳазсозии “Озмоишгоҳи таълимӣ - клиникии биохимиявӣ”.

Дар амалӣ шудани лоиҳаҳои мазкур ҳамагӣ 25 нафар омӯзгорону кормандон фаъолият намудаанд. Ҳамагӣ 21 нафари онҳо барои таҷрибомӯзӣ ва табодули малакаю таҷриба ба давлатҳои Қазоқистон, Италия, Олмон ва Булғористон сафар анҷом додаанд.

Қоидаҳои қабули донишҷӯён

Қоидаҳои қабули ҳуҷҷатҳои донишҷӯён ба Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон (ДДТХ) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2022-2023», “Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Оинномаи Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон таҳия шудааст.

Довталабон бояд ҳуҷҷатҳои лозимии тасдиқкунандаро дар муҳлати муқарраргардида, пас аз натиҷаи эълони ММТ ба комиссияи қабул пешниҳод намоянд.

ФАКУЛТЕТҲО ВА ИХТИСОСҲОИ ДОНИШГОҲ

№	Факултет	Рамзи ихтисосҳо	Номгӯи ихтисосҳо	Таҳассус	Муҳлати таҳсил	Маблағи таҳсил
1.	Тиббӣ	1- 79.01.01	«Кори табобатӣ»	Табиб	6 сол	8650
2.	Педиатрӣ	1- 79.01.02	«Педиатрия»	Табиб	6 сол	6912
3.	Стоматологӣ	1-79.01.07	«Стоматология»	Табиб	5 сол	9763

НИШОНИИ ДОНИШГОҲ: 735320, н. Данғара, кӯчаи И. Шарифов - 3
Комиссияи қабул: Тел.: (83312) 21052, 21029
E-MAIL: INFO@KHATMEDUN.TJ WWW.KHATMEDUN.TJ

TUF

ЛОИҚ РАҶАБОВ БО ДАХОЛАТИ МАКГРЕГОР АЗ НАБАРД МАҲРУМ ШУД

Муборизи амрикоии UFC Адриан Янез (16-3), ки дар вазни сабук мубориза мекунад, овозаҳоро дар бораи таъсири Конор МакГрегор ба ҳайати ширкаткунандагони мавсими 31-уми The Ultimate Fighter, ки ӯ мураббӣ аст, тасдиқ кард.

Пештар МакГрегор ба сарпарастии размкоронаш айбдор карда мешуд. "Ин дуруст аст, яке аз шарикони ҳамнабарди ман ба хона фиристода шуд",- гуфт Янес дар шабакаҳои иҷтимоӣ.

Чанд ширкаткунанда дар мавсими 31-уми The Ultimate Fighter (TUF) бо дахолати қаҳрамони собиқи UFC Конор МакГрегор аз намоиши реалити-шоу пеш аз оғози он хориҷ карда шуданд. Ирландӣ ин размкоронро аз ширкат маҳрум кард, то барои варзишгароне, ки аз ҷониби ӯ интихоб шуда буданд, ҷой ҷудо кунанд.

Дар миёни онҳо размкори тоҷик Лоиқ Раҷабов аз TUF-31 хориҷ шуд. Пештар размкор дар вазни миёнаи UFC Гилберт Бернс гуфта буд, ки ҳамдастаи ӯ Лоиқ Раҷабов дар намоиши The Ultimate Fighter 31 ширкат намекунад, зеро МакГрегор варзишгари тоҷикро бо размкори худ иваз кардааст.

Раҷабови 32-сола бори охир моҳи январи соли 2022 дар майдони Eagle FC 44 қувваозмоӣ карда, дар даври аввал Зак Зейнро тавассути



зарбаи бараҳнаи пушти сар мағлуб карда буд. Ӯ дар корномаи худ 16 ғалаба ва 4 шикаст дорад.

ҶУДО

ҶАВОНОНИ ТОҶИК АЗ ҲАМТОЁНИ СУРИИ ХУД ШИКАСТ ХЎРДАНД

21-уми феврал дар варзишгоҳи шаҳри Ҳисор бозии дӯстонаи якум миёни дастаҳои мунтахаби ҷавонони то 20-солаи Тоҷикистон ва Сурия баргузор шуд. Вохӯрӣ бо пирӯзии дастаи Сурия, бо натиҷаи 1:0 анҷом ёфт. Муаллифи голи ягонаи дидор дар дақиқаи 90+4 Муҳаммад Асад гардид.

Пеш аз оғози бозӣ футболбозони дастаҳои мунтахаби Тоҷикистону Сурия ба хотираи қурбониёни офатҳои табиии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшони Тоҷикистон ва онҳое, ки бар асари заминларзаҳо дар Сурияву Туркия ҷон бохтанд, дақиқаи хомӯширо риоя карданд.

24-уми феврал тимҳои ҷавонони то 20-солаи Тоҷикистон ва Сурия дар Варзишгоҳи марказии Ҳисор бозии санҷишии дуюмашонро доир мекунанд. Вохӯрӣ соати 16:00 оғоз мешавад.


Ин вохӯриҳои санҷишӣ барои ҳарду даста омодагӣ ба Чемпионати Осиё-U-20, ки дар Тошканд баргузор мешавад, ба ҳисоб меравад. Дастаи чавонони Тоҷикистон дар ин мусобиқа бо роҳбарии мутахассиси белорус Олег Кубарев дар гурӯҳи «С» бо дастаҳои Урдун (2-юми март), Уммон (5-уми март) ва Куриёи Ҷанубӣ (8-уми март) бозӣ мекунад.

РЕЗААХБОР

Дастаи футболи «Кӯктош»-и ноҳияи Рӯдакӣ, ки ба Лигаи олӣ баргашт, сармураббии нав таъйин кард. Ӯ Абдуҷаббор Маъруфалиеви ӯзбек аст, ки чанд сол дар академияи "Бунёдкор" (Тошканд) кор кардааст. «Кӯктош» азм дорад дар ин мавсим барои ҳадафҳои олӣ талош кунад. Инак, даста мехоҳад ба сегонаи беҳтарини чемпионати Тоҷикистон дохил шавад ва ба бозиҳои осиёӣ роҳ ёбад.

***

Клуби футболи «Истиқлол»-и Душанбе, ки дар машқу тамринҳо дар Туркия қарор дорад, ҳайаташро аз ҳисоби бозигарони ҷавони тоҷик ва хориҷӣ пурзӯр кард. Ба даста муҳофизатгари румонӣ Михай Лека, форварди русиягӣ Андрей Панюков, Муҳаммад Қодирӣ аз кишвари Ғано, ҳамчунин бозингарони тоҷик Алиҷони Айнӣ аз «Краснодар» ба ҳайси иҷора, Амадонӣ Камолов аз «Паракуэллос Антамир»-и Испания, Салоҳиддин Эргашев аз «Металлург»-и Ӯзбекистон ва Содиқ Қурбонов аз «Динамо»-и Душанбе пайвастанд.



ҶАРРОҲИЕ, КИ 11 СОАТ ТЎЛ КАШИД...

Оре, чунин ҷарроҳии душвору мураккабро профессор Убайдулло Қурбон гузаронидааст. Табибе, ки ӯро на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар хориҷи кишвар ҳам медонанд ва эътироф мекунанд...



Соли 1995. Вазъи кишвар ноором буд. Силоҳдорон аз нақлиёту техникаҳои пурқиммат то воситаҳои одди-тарини тиббиро ба яғмо бурда буданд. Дар чунин лаҳзаҳои ҳассос дар роҳи Душанбе - Варзоб корманди Сафорати Олмон дар Тоҷикистон зимни садамаи нақлиётӣ ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ мебардорад. Дасти чапи ӯ батамом зарар дида буд. Чун аз ин ҳодиса дар Олмон бохабар мешаванд, азм мекунанд, ки бо тайёра беморро баранд, вале ин ғайриимкон буд, зеро интиқоли шахрванди олмонӣ 14 соат тўл мекашид. Ҳол он ки, баъди гузашти 5 соат ҳуҷайраҳои дасти ҷудошуда батамом аз фаъолият бозмемонданд. Бинобар ин, беморро ба Душанбе оварданд. Он вақт ҷарроҳи дараҷаи олӣ Убайдулло Қурбон дар Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳои хунгузар ва қафаси сина кор мекард ва масъулияти ҷарроҳии ин бемор ба дўши ӯ афтод. Ҷарроҳӣ 11 соат идома кард.

Баъди як моҳ беморро ба ватанаш фиристоданд. Даст батамом шифо ёфта буд. Ҷарроҳони олмонӣ натиҷаи кори табиби тоҷикро дида, боварашон намеомад, ки дар як Тоҷикистони ҳоло ба ҷаҳониён номаълум чунин ҷарроҳ бошаду чунин амалиёти нодирро ба анҷом расонида бошад. Аз ин воқеа матбуоти Олмон матолиб нашр карданд. Гап то ба канслери ҳамонвақтаи Олмон Гелмут Кол мерасад ва ӯ Убайдулло Қурбонро даъват менамояд. Ӯ дар сатҳи ҳукуматӣ ба он ҷо сафар кард. Пас аз пазироии гарму хотирмон канслер ба Убайдулло дар доираи 50 ҳазор марка таҷҳизоти тиббӣ ҳадя кард. Панҷ моҳи дигар ӯ дар клиникаю шифохонаҳои он ҷо малакаю таҷриба, маҳорат омўхт. Соли 1999 бошад, дар клиникаи шахсии доктор Фелипе воқеъ дар шаҳри Залсбурги Австрия ва се сол баъди он дар шаҳри Гисени Олмон дар бахши микрохирургия таҷриба андўхтааст. Дар форуму анҷуман, конфронсҳои илмӣ дар кишварҳои Русия, Эрон, Австрия, Англия, Фаронса баромадҳои илмӣ кардааст.


Акнун шаъну шуҳрати ӯ боло рафтан гирифт. Ӯ барандаи Ҷоизаи давлатии Абўалӣ ибни Сино гашт.

Ба дўшаш роҳбарии Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абўалӣ ибни Синоро гузоштанд. Ёздаҳ соли расо хизмат кард ва муассисаро обод намуд. Узви Маҷлиси миллии Тоҷикистон буд. Илова бар ин, соле то 1200 амали ҷарроҳӣ анҷом медоду медиҳад.

Соли 2016 Донишгоҳи тиббии Хатлон таъсис ёфту роҳбарияти давлату ҳукумат бовар карда, ӯро ба ҳайси роҳбар фиристоданд. Порсол аввалин самари ин муассиса - 336 нафар ҷавонон онро хатм карданд. Шумораи олимони он аз 3 ба 21 нафар расид. Ҳоло бунёди бинoҳои асосии он идома дорад. Шабакаи клиникии назди донишгоҳ таъсис меёбад. Аз пайвандонаш 20 нафар аз пайи касби ӯ рафтанд. Духтарашон номзади илмҳои тиб, кардиолог, писарашон ҷарроҳ, дар яке аз донишгоҳҳои тиббии Олмон дар аспирантура таҳсил дорад...

Нурулло ҲАСАНОВ,
рӯзноманигор

СЕБ - МЕВАИ ЗИДДИ ПИРШАВӢ



Бешубҳа, себ меваи хеле солим аст. Умуман, меваҳои дар мавсим парваришшуда барои истеъмол хуб ҳастанд. Себ 80 % об ва 20 % аз наҳҳо, карбогидратҳо ва кислотаҳои органикӣ иборат аст.

Себ дорои пектин, полисахариди табиӣ мебошад, ки онро диетологҳо тавсия медиҳанд. Як себи миёна тақрибан ба 12 фоиз аз талаботи ҳаррӯзаи нах (клетчатка)-и шумо баробар аст. Себ дорои витаминҳои В, С ва К мебошад, ки барои кори ҳамоҳангшудаи системаи асаб ва гардиши хун, иммунитети қавӣ ва энергия заруранд. Витамини С як антиоксиданти пуркуввати зидди пиршавӣ ҳисобида мешавад. Инчунин, дар он калий, магний, калтсий, синк ва хлор ҳаст. Ҳамаи ин элементҳо барои солимии системаи дилу рагҳо таъсир мерасонанд ва ба системаи иммунӣ кумак мекунанд.

Себ дар байни онҳое, ки маҳдудиятҳои парҳезӣ ё детоксро афзалтар медонанд, маъмул аст. Баъзеҳо боварӣ доранд, ки себ пеш аз хоб гуруснагиро коҳиш медиҳад ва шумо ором хоб мекунед, вале тақриба нишон медиҳад, ки себ баръакс, иштиҳоовар аст.

Агар ба тавсияҳои умумии диетологҳо муроҷиат намоем, беҳтар аст, ки хўроки охиринро 3-4 соат пеш аз хоб ба нақша гирем. Яъне беҳтарин стратегия «на сер ва на гурусна» хобидан аст.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Нақшаҳоятон оид ба сафар ё вохўрӣ бо дўстон тағйир меёбанд. Эҳтимол бо яке аз дўстон гапатон гурехта, бо ҳамин сабаб ба маъракаи онҳо рафтан намехоҳед. Миёнаи ҳафта барои тоату ибодат ва хондани намозҳои қарзӣ мусоидат мекунад.



Савр
21.04 - 21.05

Аввали ҳафта бо ҳамсафари ҳаётӣ ё волидон муносибати худро бад накунед. Кўшиш намоед, ки аз мавзуҳои баҳсталаб дурӣ ҷўед. Миёнаи ҳафта зимни робита бо дўстон нофаҳмиҳо сар мезананд. Эҳтимол ҳарфу рафтори шуморо нодуруст қабул мекунанд.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Зодагони мучали ҷавзоро лозим аст, ки аз сафару саёҳат худдорӣ намоянд, эҳтимоли бад шудани вазъи саломатияшон дар назар аст. Ба нафароне, ки дар сафар қарор доранд, истеъмоли хўрокҳои ҳарҳела тавсия дода намешавад. Эҳтимол бо нафари машҳуре шинос мешавед.



Саратон
22.06 - 23.07

Аксари зодагони муҷарради мучали саратон дилашон майли ишқварзӣ мекунад. Аз шиносоиҳое, ки ба зудӣ шуморо ба кўйи муҳаббат мекашанд, умеди калон накунед. Миёнаи ҳафта бо нафаре шинос мешавед, ки дар корҳои зиёде кумакрасони шумо мегардад.



Асад
23.07 - 22.08

Дар оила ва муносибатҳои заношавҳарӣ вазъияти душвор сар мезанад. Сар задани муноқиша миёни ҳамсари шумо ва волидонатон боиси бад гаштани вазъи оилавӣ мегардад. Ҳафта барои муноқишаи ошкоро бо рақибон созгор нест, айни замон хеле осебпазир ҳастед.



Сумбула
23.08 - 22.09

Аввали ҳафта яке аз наздиконатон бемор шуда, ташвишатон зиёд мегардад. Кўшиш намоед, ки худатон бемор нашавед, айни замон масунияти баданатон заиф мегардад, аз инфексияҳои вирусӣ эҳтиёт шавед. Миёнаи ҳафта дар муносибатҳои оилавӣ нофаҳмӣ сар мезанад.



Мизон
25.09 - 22.10

Аввали ҳафта барои фарзандону шахси дўстдошта туҳфа гирифтанро тавсия намедиҳем. Рафту туҳфаатон писанди эшон наояд, дучори қаҳру ғазабашон мегардед. Дар аввал чӣ хостани дўстдоштаатонро муайян карда, баъдан аз пайи туҳфахарӣ шавед.



Ақраб
23.10 - 22.11

Аввали ҳафта дар масъалаҳои муҳим бо наздикон ҳамсуҳбат нашавед. Дар ин рўзҳо бо атрофиён забон ёфтанатон душвор мегардад. Ҳамзамон, рўбучини калони хонаҳо ва таъмирро тавсия намедиҳем. Миёнаи ҳафта барои нафарони ошиқ хотирмон мегардад.



Қавс
25.11 - 21.12

Аввали ҳафта аз робитаҳои фаъол ва сафарҳо худдорӣ намоед. Хабари ногуворе, ки мешунавед, боиси рехтани обрўи шумо ва наздиконатон мегардад. Аз ҳаёту зиндагии шахсии худ ба ҳар кас нақл накунед. Аз ғайбату бўҳтон ва муноқишаҳо дурӣ ҷўед.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Аввали ҳафта нафаре аз дўстон аз шумо қарз мепурсад. Зарбулмасали машҳури "Агар дўстатро аз даст додан хоҳӣ, ба ӯ пул қарз деҳ"-ро ба ёд биёред. Кўшиш намоед, ки барои қарз надодан ягон сабаби боварибахш пайдо кунед.



Далв
21.01 - 19.02

Аввали ҳафта зодагони мучали далв хоҳиши дигаргун сохтани либоси худро мекунанд. Беҳтараш ин корро накунед, дар акси ҳол, атрофиён тағйироти зоҳирии шуморо ба таври худ қабул мекунанд. Аз рўзи чоршанбе то ҷумъа баъзе масъалаҳои молиявиро рафъ карда метавонед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Аввали ҳафта аз сафару сайёҳатҳо худдорӣ намоед. Агар мошини шахсии худро дошта бошед, дар роҳ бодиққат бошед, қоидаҳои роҳро вайрон насозед. Дар акси ҳол, аз шумо ҷарима ситонида мешавад. Миёнаи ҳафта нерўятон зиёд гардида, бештар мусиқӣ гўш кардан мехоҳед.

МАРГИ СОҲИБДИЛ

Сӯгворӣ ба марги полковник Муродулло Соҳибов

21.02.2023 дар шаҳри Душанбе қалби яке аз фарзандони содиқи Ватан, афсари сарсупурда, полковники мустаъфии Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон Муродулло Соҳибов дар синни 84-солагӣ аз тапидан бозмонд.

Рости гап, хабари марги полковник Муродулло Соҳибов бароям ғайриинтизор ва боварнокарданӣ буд, зеро чанд рӯз қабл дар ҷаноза марҳум Асрори Раҳмонфари Сомонӣ эшонро бардаму боқувват ва чун ҳамеша пурэнержӣ дида, ҳамроҳашон суҳбат карда будам.

Нафароне, ки полковникро мешинохтанд, нағз медонанд, ки эшон шахси меҳрубону дилҷӯ буданд, дидан баробар одамро ба оғӯш гирифта, самимӣ ҳолпурсӣ мекарданд. Аз ҷумла, нисбати банда муҳаббат доштанд, ҳама навиштаҳоямро хонда, телефонӣ ё рӯ ба рӯ фикру мулоҳизаҳояшонро мегуфтанд. Махсусан, силсилаи суҳбатҳои банда бо низомиён ва чеҳраҳои таъсиргузори солҳои 90-умро бодиққат мехонданд ва муфассал таҳлил мекарданд. Афсӯс мехӯрданд, ки бисёр нафароне, ки дар солҳои 90-ум ба оташи ҷанги шаҳрвандӣ равған мерехтанд ё умуман касе набуданд, бо гузашти солҳо аз худ қаҳрамон метарошанд...

Муродулло Соҳибовро банда ҳамчун инсони наҷиб дарёфтаам. Ростӣ, аз ҳама марҳилаҳои умрашон огаҳӣ надорам, зеро имкон даст надод, ки бо эшон мусоҳиба анҷом диҳам, гарчанде борҳо тарҳи онро кашида будем. Бинобар ин, шинохти банда аз эшон комил нест.

Медонам, ки Муродулло Соҳибов 3-юми декабри соли 1939 дар деҳаи Артучи шаҳри Панҷакент таваллуд шудаанд. Донишгоҳро бо ихтисоси геолог хатм карда, баъдан дар сафи Артиши Шӯравӣ адои хизмат мекунанд. Баъдан дар экспидитсияҳои геологӣ дар конҳои Моғиён, Заврон, Арҷамайдон, Ровадин, Шингак ва Киштӯдаки водии Зарафшон иштирок доштанд. Ҳамчун геолог ҳам фаъолияташон бесамар набудааст, вазифаҳои масъулро низ ба зимма доштаанд. Аз солҳои корашон дар конҳо ва шиносоиву дидорашон бо бобову бобокалони ман ёдоварӣ карда, аз хешу таборам мепурсиданд ва аз миёни аҷдодони ман ошноҳояшонро меҷустанд ва хотираҳои зебо нақл мекарданд.



Муродулло Соҳибов аз соли 1968 ба мактаби олии Кумитаи давлатии бехатарии СССР ба шаҳри Минск даъват мешаванд. Баъди хатми мактаби олӣ дар сохторҳои Кумитаи давлатии бехатарии ИҶШС дар Панҷакент, ноҳияи Ленин ва Ҷилликул фаъолият доштанд. Хизматашон дар соҳаи амният бенуқсон буд. Ҳамин аст, ки аз эҳтиромӣ ҳамагон барҳӯрдор буданд. Эшонро на танҳо кормандони мақомот, балки мардуми одӣ дар ноҳияҳои Рӯдакиву Ҷиликӯл ҳурмату эҳтиром мекарданд. Муҳаббати мардумро нисбати эшон банда борҳо шоҳид будам. Дар баробари эҳтиромӣ халқ ва ҳамхизматон давлату ҳукумат низ фаъолияти бисёрсолаи Муродулло Соҳибовро бо ифтихорномаву медал ва орденҳо қадрдонӣ кардааст.

Марҳум Муродулло Соҳибов соли 1989 дар баровардани Артиши Шӯравӣ аз хоки Афғонистон низ чун афсари таҷрибадор хизмат кардаанд. Ордени давлатии Афғонистонро низ сазовор шуда буданд. Қабл аз бознишаста шудан эшон дар сохторҳои марказии КДАМ ҶТ фаъолият доштанд. Баъди бознишастагӣ солҳо раиси Шӯрои собиқадорони КДАМ ҶТ буданд. Аз ҳамон замон то дами марг мавлуди афсаронро фаромӯш накарда, мекӯшиданд, ки тариқи матбуот табрик кунанд. Чун шахси соҳибқалам буданд, дар бораи бисёре аз фарзандони содиқи Ватан мақолаҳо навишта, дар матбуот нашр мекарданд. Дар марги аксари ҳамхизматҳояшон сӯгнома нашр мекарданд. Чунин инсони намакшинос буданд худорахматӣ полковник.

Аз суҳбатҳое, ки доштем, дарк кардам, ки Муродулло Соҳибов ба се генерал - Сайидамир Зуҳуров, Худойқул Ҳамроқулов ва Эркин Муҳиддинов эҳтиромӣ хоса доштанд ва онҳоро ҳомиву ҳодии хеш медонистанд. Дар бораи ҳар се мақола навиштаанд.

Аз полковник Муродулло Соҳибов ба ҷуз 6 фарзанд, хизмати содиқона ба Ватан, номи накӯ ва хотираи нек боқӣ монд. Ёдашон ба хайр!

О. НОЗИР

ЗИЛЗИЛА ДАР ТУРКИЯ, ИЗТИРОБ ДАР ТОҶИКИСТОН

(Аввалаш дар саҳ.5)

Бино ба иттилои Кумитаи сохтмон ва меъморӣ, дар соли 2022 ба масоҳати умумии 1,7 миллион метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ ба истифода дода шудаанд, ки нисбат ба соли 2021-ум 19 фисад зиёд аст. Инчунин, давоми соли гузашта дар ҳудуди кишвар 1 миллиону 750 ҳазор метри мураббаъ бинои истиқоматӣ ба истифода дода шудааст. Илова бар ин, дар соли 2022 дар манотиқи мухталифи кишвар иншооти сершумори иҷтимоӣ ба истифода дода шудаанд.

Дар пайи таъсиси комиссия як фаъоли шабакаи иҷтимоии “Фейсбук” навишт, ки арматураҳои дар Тоҷикистон истифодашаванда ба стандарт чандон ҷавобгӯ нестанд. “Арматураи тамғаи 16 мехарам гӯед, бароятон арматураи тамғаи 14 медиҳанд. Лекин дар он муҳри 16 задаанд. Ҳамаи биноҳои баъд аз 2018-ум солро бояд дар вақташ месанҷиданд... Ин боз як роҳи пулкоркунӣ шуд. Бо баҳонаи санҷиш боз пул кор мекунанд. Мебинем чанд бино аз санҷиш мегузарад ё не. Агар ҳамааш ҷавобгӯ бошанд, сабабаш маълум мешавад. Бигзор барои халқ тариқи расонаҳо фаҳмонанд, ки биноҳо ҷавобгӯ ҳастанд ё не...”,- менависад корбаре дар “Фейсбук” пас аз расонаӣ шудани таъсиси комиссия оид ба санҷиши биноҳо.

Воқеан, дар мавриди сифати сохтмони биноҳо Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон низ дар ҷаласаи ахири Ҳукумат изҳори нигаронӣ кард. Ба масъулин супориш дода шуд, ки дар ин самт корро ҷиддӣ ба роҳ монанд. Таъсиси чунин комиссия барои санҷиши биноҳо низ пас аз супориши Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифт.

Ба назари инҷониб, агар комиссия дар рафти санҷиш камбудиҳои ҷиддиро ошкор кунад ва онро расонаӣ намоянд, рақобати солимро байни пудратчиёни сохтмон ба миён хоҳад овард. Эътимоди мардум низ ба биноҳо, махсусан биноҳои истиқоматии баландошёна бештар мегардад. Зеро дар шароити Тоҷикистон нархи хона хеле гарон буда, на ҳамаи онҳое, ки бо маош кору зиндагӣ мекунанд, имкони соҳиби манзили шахсӣ шуданро доранд.

Усмон РАҲИМЗОДА

Мавлудномa

• 23 феврал •

Тайғуншо Булбулшоев (1943), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Ҳабибулло Ғайбуллоев (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Мирзомаҳмуд Мирбобоев (1943), 80-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Людмила Новикова (1958), 65-солагии зодрӯзи коргардони театр, профессор, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Амон Нуров (1938), 85-солагии зодрӯзи луғатшинос, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Исроилҷон Холматов (1928), 95-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Солибой Ҳасанов (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

Қудратбек Элчибеков (1938), 85-солагии зодрӯзи шарқшинос (арабӣ).

Юлиус Фучик (1903-1943), 120-солагии зодрӯзи нависандаи чех, муаллифи очеркҳо оид ба Тоҷикистон.

• 24 феврал •

Лариса Стамова (1943), 80-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Рафаэл Толмасов (1923-1997), 100-солагии зодрӯзи сарояндаи опера, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Абдусаттор Ҷабборов (1948), 80-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

• 25 феврал •

Маҳмадсафар Муродов (1958), 65-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

Маҳкам Пӯлодова (1928-1998), 95-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Турдӣ Самандаров (1943), 80-солагии зодрӯзи рассом.

Хоҷамқул Шафиев (1903-1989), 120-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

• 26 феврал •

Одина Баротӣ (1958), 65-солагии зодрӯзи шоир.

Сангинбой Сангинов (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, профессор.

Аҳмад Юсуфов (1928-1987), 95-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

• 27 феврал •

Олег Давидов (1953), 70-солагии зодрӯзи рассоми кино.

Рустам Қодиров (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Зайниддин Мӯсоев (1943), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи география.

Абдураҳмон Раҳимов (1933-1997), 90-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Баҳодур Холназаров (1968), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи дорусозӣ.

Парвиз Нотили Хонлари (1913-1993), 110-солагии зодрӯзи шоир ва адабиётшиноси эронӣ, доктори фахрии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

• 28 феврал •

Розиқбек Забиров (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Исроили Иброҳим (1928-2012), 95-солагии зодрӯзи нависанда.

Олимхон Исматӣ (1958), 65-солагии зодрӯзи шоир.

Сабзаалӣ Мисриён (1943), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Леонид Михайлов (1928), 95-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор, академики АИ Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино.

Акбари Шариф (1958-1997), 65-солагии зодрӯзи нависанда.

Ҳалимахон Эркаева (1948-2013), 75-солагии зодрӯзи раққоса, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

• 29 феврал •

Тимофей Вановский (1903-1981), 120-солагии зодрӯзи олими соҳаи байторӣ, профессор.

Владимир Литвинов (1928-1996), 95-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Навоӣ, хонаи 25/4, ҳуҷраи 34 ба номи Ҷумаев Ҷамшед Фарҳодович, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии магистратура, ки онро ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 2021 ба Асоев Абдусалом Ҳасанович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин Дараҷаи АN№0090835 аз 23-юми октябри соли 2017, рақами қайд №1695/17, бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Н. Додхудоев, хонаи 27 ба номи Курбанов Аҳмад Усманович бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳрести №4М-94 аз 05.05 соли 2017 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Шодмонӣ, хонаи 5 ба номи Наимов Шухратджон Иброгимович бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Навоӣ, хонаи 37, ҳуҷраи 57 ба номи Кадырова Зухро Нумоновна бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, хонаи 80/5, ҳуҷраи 9 ба номи Донаева Шаҳло Ҷумаевна бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома, ки онро ҶСК "Телерадиоком", Кумитаи телевизион ва радиои назд Ҳукумати ҶТ ба Саидов Давлатёр Абдулманонович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи A01901529, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Шоҳмансур 22.05 соли 2019 ба Манонов Музаффар Абдураҳимович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳум, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21-и ноҳияи Шоҳмансур соли 2016 ба Усманов Фаррух Алишерович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи A03118113, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Шоҳмансур 11.02 соли 2020 ба Мусоев Муҳиддин Фахриевич додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи мубодилаи квартира ба квартираи нави сохташаванда таҳти феҳрести №1ш-293, ки онро нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ҶТ 4-уми марти соли 2015 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Н. Муҳаммад, хонаи 8/4, ҳуҷраи 7 ба Исаева Мастура Баҳриевна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Ҳалномаи суд ва шиносномаи техникӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Сарикиштӣ, деҳаи Маҳмадшоҳи боло ба номи Ҳабибов Саидҷафар бинобар гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Ваколатнома таҳти феҳрести №7Д-1245, ки онро нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 18-уми ноябри соли 2017 ба Муродов Шоҳин Бобохонович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо реестри №61553, дафтари ҳавлидорӣ ва ордер бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, Испечак М-1, хонаи 3, ҳуҷраи 13 ба номи Худякова Людмила Михайловна бинобар гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Созишнома дар бораи бекор намудани шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳрести №1Ш366, ки онро нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии вилояти Хатлон 04.04 соли 2018 бо суроғаи шаҳри Бохтар (собиқ Қӯрғонтеппа), кӯчаи Б. Ғафуров (собиқ Чернышевский), хонаи 8, ҳуҷраи 5 ба Арванитиди Алла-Ҷен Константиновна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии Г22001, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2022 ба Мисиров Алишер Намозович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Шерназаров Мамадер Чариевич, РМА: 330002136, РЯМ: 3310006288 бинобар гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шартномаи хариду фурӯши таҳти феҳрести №1Ш-2787 аз 26.08 соли 2020 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чоряккорон, деҳаи Испечак, хонаи 14, ҳуҷраи 69 ба номи Солиҳова Гулҷаҳон Абдулҳақовна бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи A00888433, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсӣ 15.04 соли 2017 ба Аҳмадзода Шоҳрух Исматулло додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Россия, деҳаи Шоҳмансур ба номи Қодирова Шабнам Абдузамоновна бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯ, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2020 ба Давлатзода Султоншоҳи Раҷабалӣ додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ Холмуродова Малика Махкамчоновна, РЯМ: 0730206327, РМА: 095355456, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 02.10 соли 2020 додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибос ба номи Зарипов Убайдулло, РЯМ: 0730205832, РМА: 096328631, ки Нозироти андози шаҳри Турсунзода 16.09 соли 2020 додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Дафтари ҳавлидорӣ, шиносномаи техникӣ бо варақаи бақайдгирии №14629 ва шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрести №8Ш-6808, ки нотариуси Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Сино 29.12 соли 2007 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Севостополь, хонаи 16, ҳуҷраи 33 ба Исмоилов Рустам Абдураҳмонович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Хайруллоев Исматулло Фатхуллоевич, РЯМ: 1230194955, РМА: 125919089, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хона таҳти феҳрести рақами 6Д-200, ки онро Идораи якуми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 06.09 соли 1977 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Красноармейский, хонаи 25 ба Шадиева Ойдиной Нарзуллоевна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрести 1Ш-283, ки онро Саридораи нотариалии давлатии ҶТ 01.03 соли 2015 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзарда, хонаи 4а, ҳуҷраи 22 ба Тугалова Оламби Тағаймуродовна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрести рақами 1К-89, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 02.02 соли 2001 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Беҳрӯз, хонаи 3 ба Раҳимов Бурҳонҷон Нурутдинович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрести 1Ш-336, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ 27.02 соли 2015 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи 50-солагии Тоҷикистон, хонаи 11, ҳуҷраи 70 ба Акрамов Меҳрубон Чилахонович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Васиятнома таҳти феҳрести №1ғ-111, ки онро Нотариуси давлатии ноҳияи Сино 31-уми июли соли 2017 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Б. Ғафуров 33, ҳуҷраи 44 ба Давлатова Саида Анваровна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Лучоб 101/1 ба номи Олимов Саидмурод Бобобегович бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХУРАД

► ҶДММ "Салтанат Ш", РЯМ: 3310009533, РМА: 330013460 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Файз Лоиқ", №0268479, РЯМ: 0410036193, РМА: 040058216 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Аслонова Ҳидоят", №0264212, РЯМ: 0410020995, РМА: 040040882 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

- **Finance Analyst (Job ID: 8519/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 2 March 2023 (09:59 AM TJK time)**
- **National Consultant for conducting final evaluation of the UNDP "Accelerating Post COVID-19 Economic Recovery through Improved Livelihood, Employability, and Regional Cooperation in Ferghana Valley" project; Duty Station: Dushanbe with missions to Sughd region; Deadline for applications: 9 March 2023**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

ДОСТОНИ РАЗМОВАРОН

Эҳдо ба 30-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон



Ато Мирхоҷа

Дебоча

Рӯзе гузарам фиканд чархи даввор
Бар шаҳраки ҳарбии хумоюнэъмор.
Озода буду тоза чу сарбози чавон,
Дар ҳар тараф овезаи пурнақшу нигор.
Ҳар нақшу нигораш асари тоҷикӣ,
Ҳам гашти низомию суруду ашъор.
Дар мачлисашон сипас нишастам чанде,
Меҳмони азизашон шудам шоирвор.
Он ҷо ҳама низ буд тоҷикӣ, лек
Ҷуз рутбаю номи ҷузву тому абзор.
Чун шоири дилбастаи лафзи хуши худ,
Ногоҳ фитодам ба хаёлоти гувор.
Гуфтам ба дилам достоне созам,
Бо рутбаю номи аҳли ҳарбу пайкор.
Ҳам занг занам ба гӯши аҳли дарбор,
Ҳам аз дили ман зудуда гардад зангор.

Расидани размовар

Монандаи размовар оё дидӣ
Дар байни сипоҳиён ту шахсе пуркор?
Сар рутбаи афсарӣ шавад аз номам,
Афтода ба дӯши ман машаққат бисёр.
Дорам ду хати зард сари дӯш аз он-к
Ҳар рӯз дучанд мекунам меҳнату кор.
Даркор шавад, шавам қаторӣ сарбоз,
Лозим ояд, шавам ба дах кас сардор.
Бе ман бошад тамоми артиш беназм,
Бе ман кӣ кунад зафар ба хасми ғаддор?
Айёру сипоҳаму ҷасурам чу Самак,
Чун Шераки Ориё манам безинҳор.
Гохе ки мусалсал ба сари китф ниҳам,
Бурчи Асад аз тарс биларзад чун тор.
Андар хати пеши ҷабҳа чун наъра занам,
Тонк аз ҳаракат монаду тӯп аз гаштор.
Ҳандақ биканам агар, шавад гӯри адӯ,
Чодар бизанам агар, шавад чатри нигор.
Ин ман сипари тамоми артиш ҳастам,
Оташнафасу оташаку оташхор!

Расидани размдор

Мегуфт фузун чунин сухан размовар,
Нохост расид размдори айёр.
Барҷаст чу аз даҳони ӯ бонги «Низом!»,
Размовар шах гашт ба монанди манор.
«Мебуд ба сар туро агар токие,
Ҳоло будӣ дар осмонҳо тайёр.
Аз ин ҳама таъриф, ки худро кардӣ,
Аз шарм арақ ба рӯи ман рехт қатор.
Аскар, ки бувад фурӯтанӣ маъноят,
Бояд кунад аз ситоиши худ ӯ ор.
Аз ёд магар рафт туро, эй худхоҳ,
Дорам сари дӯш се хати зарҳалдор.
Дар ҷанг муҳимтар аз мани ҷангӣ нест,
Унвони ман аст размдор аз Ҷаббор!
Гохе ки тапоначаро барорам зи ғилоф,
Зоил шавад аз мусалсалу тӯп мадор.
Бар Қорану Комус расад авлодам,
Аз Кайпашану Қубод тухмам пиндор.
Бо як радаам занам ба таҳму бар гунд,
Зинҳор зи ҷанги ман, адӯё, зинҳор!».

Расидани разморо

Чун ин суханаш шунид разморо, гуфт:
«Дар паҳлуи размдор қаддат бигузор!
Чун мех биист устувору кун гӯш
Аз афсари аз худат калон ин гуфтор:
Фармондеҳи мутлақи шумо ман ҳастам,
Бе ман суханат надорад ин ҷо микдор.
Ман ҷону тани ҳар аскаре бишносам,
Дар шодию ғам бошамашон ҳамдаму ёр.
Сардӯшии ман аз он бувад як хати пахн,
К-аз пахнаи амрам радае бархурдор!
Бо дониши нав ба нав мусаллаҳ ҳастам,
Бе донишу фан силаҳ намеояд кор.
Ман зинда ҳаёти аскарӣ медорам,
Дар хобгаҳу мактабу майдону ҳисор.
Дар ҷабҳа манам дидаи фармондеҳи ҳанг,
Бал амрдеҳи гунду сипаҳ бе инкор.
Чун даст бубардораму фармон бидиҳам,
Резад ба сари хасм фақат оҳану нор.
Ман аз ҳама пеши пеш хезам ба ҳучум,
Душман бинамоям ба ҳазимат ночор».

Расидани размозмо

Ин гап чу ба размозмое бирасид,
Шуд зуд ба сӯи он се тан роҳсипор.
Истод ба назди разморову дурушт
Сар дод садо зи ҳанҷара бо озор:
«Гирам, ки шумо далер ҳастеду таҷанг,
Ҳам аскаратон фидоиву ҷонсупор.
Фармондеҳи хубеду баақлу боҳуш,
Нагзашта ба олам инчунин фармондор.
Аммо силаҳи шумо агар вайрон аст,
Ё техникатон харобу аскар бемор,
Оё битавонед зи ҷо ҷунбидан?
Оё набувад шикаст ин ҷо тайёр?
Ман ҳастаму пӯшидаву серед шумо,
Ман ҳастаму ғолибӣ шуморост шиор.
Сарлашкари фарзона агар гушна бувад,
Не халқ муқаддас аст ӯро, на диёр!
Ёзед қаду аз паси ман гом занед,
То аслиҳаро кунед равған як бор.
Гар дар шиками шумо набошад равған,
Монад даҳану забонатон аз гуфтор.

Расидани размпардоз

Ин лаҳза валеқ размпардоз омад,
Як бел ба дасту дар арақ тар рухсор.
Фарёд кашид: «Эй чаҳор аскаршакл,
Беортар аз шумо надидам беор!
Ин ҷо чӣ ситодаед тафсидадаҳон
Монанди занакҳои канори ҷӯбор?
Бо ман бехтар ки хандакеро биканед,
То сохта бошем яке обанбор.
Аз Шераку Рустаму Самак фахр чӣ суд?
Дар хонаат ар рехта бошад девор?!
Бинед маро даст ба корам ҳама вақт,
Ҳарчанд зи таърих надонам ахбор.
Оинаи ибрати садоқат пас кист?
Ман ё ки шумо лофзанони бозор?!
Ҳарчанд худам ҳарбиву корам мулкист,
Фармондеҳи худ ҳастаму фармонбардор.
Ҳар ҳодисаю фалокате рух бидиҳад,
Оям ба суроғи дӯст ҳатто шаби тор
Ҳар як сипахе, ки размпардозаш нест,
Бозе бошад, ки нест онро минқор!».

Расидани таҳмовар

Таҳмовари сарвқадди зебидалибос
Бо мӯзаи ялтаросиву рӯи чу нор,
Бинҳод ба сӯяшон қадам мардона,
Гуфто: «Чӣ ситодаед ин ҷо бекор?
Ман ғолумағолатон шунидам аз дур,
Гаштам аз раҳ, то ки диҳам ин ихтор:
Дар ҳеҷ замон, ҳеҷ макон дар олам
Сарбоз надорад ҳақи хукму пиндор.
Тахмину гумону хукм фармондехрост,
Яъне, ки кунун марост фармону қарор.
Беҳуда нахондаем дарси ҳарбӣ,
Дар мактаби олии ҳисобу омор.
Сарбоз ба анбори силаҳ зуд баред,
Фармони маро гӯш кун, инак, ҳар чор!
Якчанд нафар ба размпардоз диҳед,
То зудтарак канда шавад обанбор.
Аз чист ситора бар сари китфонам
Чун нақми фалак биредаз дида шарор?!
Зеро ки манам афсари касбии Ватан,
Дар додани амр бар шумоям мухтор!

Расидани таҳмдор

Бигрифт садои таҳмовар чун авҷ,
Нохост расид таҳмдори саркор.
Каф бурд ба чакка, зад ду мӯза бар ҳам,
Ин шаш биситоданд ба як саф хушёр.
Ӯ бонг баровард: «Чаро ғун шудаед
Монандаи мардҳои дех дар бегор?
Артиш набувад ҷои тамошою такал,
Ҳар сония хидмат аст ин ҷо ба шумор.
Ҳар аскару афсар ар кунад ин ҷо бахс,
Мурғони ҳаво гиря кунад бар мо зор.
Нав омада таҳмовар агар аз мактаб,
Ман кор кунам дар ин макон сол чаҳор.
Донӣ чӣ бувад ду ахтар андар китфам?
Огаҳ зи ду кавн будани ман даркор.
Бо чашми ҳудам ҷанг бидидам дар марз,
Ҳамла бурдам ба душманон Рустамвор.
Тақдим ба ман нишон намуданду се начм,
Таъриф маро карда худи фармондор!
Дар таҳм чӣ, дар гунд маро бишносанд,
Дар гунд чӣ, донанд маро дар дарбор!

Расидани таҳморо

Бо табъи гирифта ин замон таҳморо
Бигзашт зи наздашону гӯшаш бақимор.
Баргашт ба сӯяшону зад наъра чу раъд:
«Ин чост магар ҳамойиши хешу табор?!
Овози ту, таҳмдор, нарм асту латиф,
Ё омадаӣ зи мактаби мусикор?!
Гар нест туро садои фармон додан,
Аз ту нарамад дили худию ағёр.
Бояд гашти низомиат чунбонад
Рагҳои замини зери пои ашрор.
Дорандаи таҳмиву Таҳамтан зотат,
Таҳмурасу Таҳмина туро баргу бор.
Бар ман бинигар, Таҳамтан астам, бешак,
Як умр барои Ватан астам покор.
Се ахтари сардӯшии ман донӣ чист?
Яъне се вилояти Ватан бо ман ёр!
Ҳар аскари зери амри ман худ ваштест,
Ман дорамашон ҳамеша зӯру бедор!
Аз ҳар шаҳре ба сӯи ман тир ояд,
Бо хок ман он шаҳр намоям ҳамвор!».

Расидани сарвон

Сарвон чу садои ғафси таҳмороро
Бишнид, баҳам зад ҳама ӯро ҳинчор.
Омад бари ӯ ба тундии боди самум,
Гуфто, ки: «чулу пӯстакатро бардор!
Фармондеҳӣ овози дағал танҳо нест,
Он гуна ки мулло набувад як дастор.
Бояд ки даруни мағз дониш бошад
Аз ҳамлаву аз дифоъ то истихбор.
Ман ҷанг ба ҷанг гаштаам то имрӯз,
Инак орам ба қобилиам икрор!
Ин чор ситорааам бувад чор унсур,
Яъне ҳама обам, оташам, боду ғубор!
Ҳар душмани Меҳан, ки биразмад бо ман,
Гардад ба чаҳор мушкили даҳр дучор.
Фармондеҳи душманам агар Чан Кайшист,
Тадбири ман ӯро бикунад хору низор.
Аз кӯҳ чу Суворов гузаронам лашкар,
Аз ҳамҳамаам паст шавад худ кӯҳсор.
Ман тоҷи сари аскару афсар бошам,
Чун сарв баландаму тановар чу чанор».

Расидани саргурд

Саргурд расид, марди варзидабадан,
Бубрид ручуи пургапи доманадор.
Гуфто, ки: «Шумо агарчи хубеду азиз,
Хурдед ба рутбаю ба ҷоҳу микдор.
Бар раддаву таҳму вашту гурдон бошад
Фармони шумо равою шарту меъёр.
Аммо ҳама ин якон ҳама як ҳанганд,
Як ҳанг бувад шомили сарбоз ҳазор!
Неруе аз ин магар қавитар бошад?
Ҳам афсаре аз ман чу тило хубиёр?!
Саргурд нахустҷоҳи сардорон аст,
Бошад барҳак(к) нуктаи ин паргор.
Як нақми калон чаро сари дӯши ман аст?
Зеро ки як аст офтоби анвор!
Саргурд ба дӯши худ кашад бори ситод,
Саргурд ба по ситода худ лайлу наҳор.
Ҳар афсари дида тарбият аз саргурд,
Олам донад, ки мешавад шоҳсувор!
Кайҳон бувад аз ситораҳо нурафшон,
Лашкар бувад аз шоҳсуворон ҷаррор.

Расидани сарҳангёр

Сарҳангёр омад ин дам аз гунд,
Осема саф орост тамоми ҳуззор.
Саргурд «Низом!» гуфту зад наъра чу шер,
В-онгоҳ низомиёна бинмуд изҳор:
«То омадани шумо дар ин ҷамъи якон,
Нагзашта ягон ҳодисаи ноҳинҷор!»
Навомада «Озод!» бигуфту хушнуд
Дасти ҳамаро гирифту пас дод фишор.
Рӯ кард ба саргурду мулоим пурсид:
«Инҳо зи чӣ ҷамъ гашта мисли овор?
Ҳоло ҳама ҷо соати оромӣ ҳаст,
Ё ҳаст шуморо дигар оину қарор?»
Саргурд зи шарму аз хиҷолат шуд сурх,
Мулзам гаштанд дигарон ҳам бисёр.
Сарҳангёр боз ҳам бо нармӣ
Каф бурд ба чаккаву батамкину виқор,
Фармуд ба саргурд, ки: «Андар артиш
Тартибу низом аз ту бошад подор.
Бар ҳар яки инҳо бикунам ман эълон
Махбусии серӯза пас аз ин дидор!».

(Давом дорад)

Ордену медал

Писарбачае қафаси синаи мардеро пур аз ордену медал дида, бо тааҷҷуб аз падараш мепурсад:

- Дадаҷон, ин амак ин қадар ордену медалро аз кучо гирифтааст?

- Аз ҷанг,- ҷавоб медиҳад падар.

- Шумо ҳам ҳар рӯз бо модарам ҷанг мекунед, чаро ягон орден надоред?,- мегӯяд писарча.

Хӯроки якум

Марде аз рафиқаш мепурсад:

- Салмон, маъракаи дирӯза чӣ хел буд?

Салмон мегӯяд:

- Хӯроки якум набуд, хӯроки дуюм бошад, мисли хӯроки якум буд.

Дуроҳа

Нозири БДА бандагиро ба ҷо меорад. Дар гӯр барои ба дӯзах ё биҳишт равон карданаш фариштаҳои дасти чапу рост баҳс мекунанд.

- Мардакҷон, монда шудед?

- Беҳад! Вақте ту дар киштзор аз ҳавои тоза нафас мекашидӣ, ман ҳашт соат дар чойхонаи дамгир нишастам!



- Ӯ одами бад буд, хама умр пора мегирифт, арақ мехӯрд... ба дӯзах!, -мегӯяд фариштаи дасти чап.

- Не, ӯ одами нағз буд. Одамонро аз хатар раҳо мекард, ба ҳама ёрӣ медод... ба биҳишт!,- мегӯяд фариштаи дасти рост.

Ин дам худи нозир мегӯяд:

- Бачаҳо, шумо баҳс накунед... маро дар дуроҳа гузоред!

Имтиёз

Сайёҳе бо мақсади дар меҳмонхона истодан, аз хӯҷаини он мепурсад:

- Нархи як ҳуҷраи якнафара чанд аст?

- Чил доллар.

- Адибон имтиёз доранд?

- Бале, иҷорапулиро аз онҳо пешакӣ мегирем,- посух медиҳад хӯҷаин.

Бемор

- Чаро дирӯз дар дарс набудӣ?,- мепурсад устод аз талабае.

- Бемор будам,- ҷавоб медиҳад талаба.

- О, ман туро савори дучарха дидам ку!,- хитоб мекунад устод.

- Барои овардани духтур рафта будам,- посух медиҳад талаба.

Маймун

Талаба аз муаллим суол мекунад:

- Устод, бобои ман мегӯяд, ки мо аз маймун пайдо шудаем, магар ин рост аст?

Муаллим мегӯяд:

- Мо ба корҳои оилавии шумо дахолат намекунем.

Соҳиби пул

Сармоягузоре аз ёвараш мепурсад:

- Магар тамоми пулҳои ман гум шуданд?

- Чаро гум шуданд? Онҳо соҳибашонро иваз карданд,- ҷавоб медиҳад ёвар.

Бедор

Марде дар хобаш пайваста гап мезад. Ниҳоят тоқати занаш тоқ шуду пурсид:


- Мардак, барои чӣ ҳамеша дар хобатон гап мезанед?

Мард гуфт:

- Бигзор дузд гумон кунад, ки мо бедорем!

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА

Сканворд





Харҷ аз кисаи Меҳмон

Рӯзи ид шодравон устод Меҳмон Бахтӣ ба бонувони ҳамкорашон мурочиат карда, мегӯянд:

- Хеле вақт шуд якҷо қаҳванӯшӣ нарафтаем. Чӣ мешавад, ки имрӯз ҳама якҷоя ба қаҳвахона равем?

Духтарҳо бо як овоз мегӯянд:

- Харҷ агар аз кисаи Меҳмон бувад, чаро наравем?

Устод хандида, мегӯянд:

- Аз ҳамин рӯз ман номамро иваз мекунам, то дигар харҷ аз кисаи ман нашавад.

Обро тефал гарм мекунад

- Чанд фарзанд доред?

- Худоро шукр, 12 фарзанд дорам.

- Ҳамаашро калон карда, хонадор кардед?

- Бале, ҳамаашро хонадор кардам, хонондам, хонаву дар карда, ҷудо кардам. Шукри худо, ҳамааш зиндагии тинҷ доранд.

- Зиндагии худатон чӣ тавр?

- Ҳолам хуб аст. Вале баъди фавти завҷаам каме азоб мекашам.

- Бачаҳо хуб нигоҳ мекунанд?

- Бале!

- Оби таҳорататонро кӣ гарм мекунад?

- Тефал.

Роҳат дар он дунё

Дар даврае менишастем ва амри маъруферо гӯш мекардем. Мулло гуфт:

- Ҳар касе, ки дар ин дунё азоб мекашад, дар он дунё роҳат хоҳад кард. Азобу уқубат дар ин дунё ҳамон қадар бештар бошад, роҳати бештар ӯро дар он дунё интизор аст.

Нафаре аз паҳлуи рости мулло муште бар сари ӯ зад. Мулло якбора сарашро дошта, ҳайрон шуда, пурсид:

- Чаро маро азият мекунӣ?

Гуфт:

- Хостам дар он дунё шумо ҳам каме роҳат кунед.

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА